МАНИЖА: АЗ АШКИ ПЕШ АЗ КОНСЕРТ ТО СУРУДИ ТОҶИКӢ с.4

ФЕСТИВАЛИ КАРТОШКА. ЧАРО КАРАМУ САБЗӢ РАНҶИДАНД? с.7

ТАВАЛЛУД РОЙГОН АСТ Ё ПУЛАКӢ? с.5

ТОҶИКИСТОН

30 сол бо шумо


№48 (1507)
30.11.22

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~

1992-2022

ШАҲР ДАРВОЗА ДОРАД

Чаро таксиронҳо дар Душанбе таҳлука доранд?



ОТКРОЙТЕ СВОЙ БИЗНЕС В ИНТЕРНЕТ!

У Вас есть **товар** или **услуга**?
Неважно, какого размера Ваш бизнес!
Вы легко можете продвинуть его и рассказать о себе сотням тысяч потенциальных клиентов.

Звоните и узнайте **КАК**?
Матадор - Партнер Медиа-группы ОИЛА

Matador
ОИЛА

+992 711 22 7777 Сайт **matador.tj** Почта **info@matador.tj**

АҲМАД МАСЪУД ДАР ДУШАНБЕ
Аз хатари Толибон то таъсиси ҳукумати ҳамашумул с.3

КАЙҲОННАВАРД СОЛИҶОН ШАРИПОВ
Пас аз 18 сол парчами Тоҷикистонро ба осорхона ҳадя кард с.10

ҲУКМИ ҚАТЛ
Зарурати баргардонидани он дар чист? с.5

“ТОҶИКСОДИРОТБОНК”
Ба арзи собиқадорон кӣ мерасад? с.6

ТАЪБИР
Тухмро акнун фақат дар хоб мебинед с.7

КАНЗИ ШИФО
Сулфаи хушк ва хатари он с.13

ВАРЗИШ
Ҳангомаҳо дар Қатар идома доранд с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ, Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
профессор, ҷомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

РЕЙТИНГ -2022

ЧЕҲРАИ МУВАФФАҚИ СОЛ КИСТ?

МЕХОҲЕД ДАР ИНТИХОБИ БАРГУЗИДАГОН НАҚШ ДОШТА БОШЕД?

Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ҳамасола барои муайян кардани 10 чеҳраи муваффақ аз рӯи 10 номинатсия миёни хонандагони ҳафтанома пурсиш баргузор мекунад. Имсол низ нашрия ба чунин иқдом даст задааст.

Тӯли ду ҳафта, аз 15-ум то 31-уми декабри соли 2022 рейтинги 10 чеҳра:

ВАЗИРИ СОЛ,
РАИСИ СОЛ,
БОНКДОРИ СОЛ,
РЕКТОРИ СОЛ,
ВАРЗИШГАРИ СОЛ,
БЛОГЕРИ СОЛ,
САРОЯНДАИ СОЛ,
СОҲИБКОРИ СОЛ,
ОЛИМИ СОЛ ВА
БАРНОМАСОЗИ КОМПЮТЕРИИ СОЛ

аз тариқи сомонаи маъруфи Pressa.tj роҳандозӣ мегардад.

Аз 5 то 15-уми декабр дар сайти Pressa.tj 10-нафарӣ аз рӯи ҳар номинатсия ба овоздиҳӣ гузошта мешаванд. Дар натиҷа 3-нафарӣ аз рӯи ҳар номинатсия, ки овози аз ҳама зиёд гирифтаанд, ба даври дуюм роҳ меёбанд.

Даври дуюми раъйпурсӣ **аз таърихи 15 то 30-юми декабри соли 2022** сурат мегирад.

Давоми ин ду ҳафта афкори мардум дар бораи раисон, вазирон, соҳибкорон, бонкирҳо, сарояндагон, блогерҳо ва умуман ашхоси маъруфи ҷомеа пурсида ва дониста мешавад. Аз ҳар номинатсия якнафарӣ, ки овози аз ҳама бештар гирифтаанд, баргузидаи раъйдодагон ҳисобида мешаванд. Онҳо чеҳраҳое ҳастанд, ки давоми соли 2022 мавриди таваҷҷуҳи мардум қарор доштанд ва дар самти худ муваффақ буданд.

Соҳибони ҷойи аввал баргузидагони мардуманд, ки дар рушди соҳаи худ нақши шоиста доранд. Идораи ҳафтанома ва сайти Pressa.tj дар бораи дастовардҳои онҳо дар давоми сол маводҳо омода месозанд ва онҳоро дастраси доираи васеи хонандагон дар дохил ва хориҷи Тоҷикистон мегардонанд. Доираи хонандагоне, ки ин маводҳоро мутолиа мекунанд, беш аз 5 000 000 аст. Ин аудиторияи як-моҳаи медиа-гуруҳи "Тоҷикистон" аст. Ҳамчунин, баргузидагон бо Дипломи махсуси "Тоҷикистон" мукофотонида мешаванд.



Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи ҶТ

ТОҶИКИСТОН $434,5 МИЛЛИОН ҚАРЗУ ГРАНТ МЕГИРАД

Дар доираи 10 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ то охири соли равон имзои созишномаи нави қарзию грантӣ ба маблағи 434,5 миллион доллар пешбинӣ шудааст.

Дар ин бора Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Тоҷикистон зимни ҳисобот ба Маҷлиси намояндагони ҷумҳурӣ хабар додааст.

Ба гуфтаи ӯ, маблағи иловагӣ барои рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва дастгирии буҷети давлатӣ ҷалб карда шуда, ҳамкорӣ дар ин бахш бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар 9 моҳи аввали соли равон Тоҷикистон наздики 324 миллион доллар қарзу грант ҷалб кардааст, ки ҳудуди 92%-и он ба грант рост меояд.

Ба иттилои Вазорати молияи Тоҷикистон, дар давоми моҳҳои январ - сентябри соли ҷорӣ дар доираи ҳамкориҳои ҳукумати кишвар бо созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ 9 созишномаи нави қарзию грантӣ баста шудаанд. Ин созишномаҳо барои амалӣ намудани 8 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 323,9 млн доллар равона гардидаанд. Аз маблағе, ки дар доираи 9 созишнома ҷалб шудааст, наздики 298 млн доллар ва ё 92% грант мебошад. Ҳудуди 19 миллиони дигар ва ё 5,6% қарз ва 7 миллион доллар каме бештар аз 2% саҳми Ҳукумати Тоҷикистон мебошад.

САРИ САБЗ



Сафар АБДУЛЛОҲ, донишманди тоҷики муқими Қазоқистон

- Вақте китоби Нависандаи халқии Тоҷикистон Ӯрун Кӯҳзод бо тиражи 200 нусха чоп мешавад, бисёр дардовар аст. Ё фарз кардем, китоби шоире мисли Фарзонабону бо тиражи 500 нусха чоп мешавад.

- Ба ҳаминаш ҳам шукр. Бечора адибон сарпарастҳое амсоли Раҳими Ғармӣ надоранд, ки бо кумаки онҳо ҳазорҳо нусха китоб нашр кунанд.



Сайрам ИСОЕВА, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Ба театр омадан як тараф истад, ҳатто имрӯз модарону хоҳарони мо вақт надоранд, ки барои таълиму тарбияи фарзанди худ вақт ҷудо кунанд. То кай чанд донишҷӯро маҷбурӣ ба театр меоранд?

- Бале, вақти модарону хоҳарони мо беҳад танг аст, рӯз то бегоҳ дар хона ба тамошои филмҳои туркӣ андармонанд. Донишҷӯён бошанд, фарзандони ҳамон модарону хоҳарони моянд.



Искандар ХОҶАЗОДА, магистрант дар Ҳиндустон

- Инҷо устодон омада лексияро мехонанду мераванд, мисли устодони тоҷик раҳмдилу дилсӯзу роҳнамо нестанд, вале дар масъалаи имтиҳонот хеле сахтгиранд.

- Боз коре накунед, ки бо баҳонаи сахтгир будани устодон то оғози имтиҳонот донишгоҳро партофта гурезед!? Аз раҳмдилу дилсӯз будани устод ягон фоида нест!

АҲМАД МАСЪУД ДАР ДУШАНБЕ

Аз хатари Толибон то таъсиси ҳукумати фарогир

Роҳбари Ҷабҳаи муқовимати миллии Афғонистон Аҳмад Масъуд рӯзи 30-юми ноябр дар 10-умин ҳамоиши байналмилалии "Гуфтугуҳои амниятии Ҳирот" зери унвони "Низоми сиёсии фарогир дар Афғонистон: усулҳо, моделҳо ва рақамҳо" иштирок ва суханронӣ кард.



Аҳмад Масъуд дар Душанбе

СУОЛҲОИ БЕПОСУХ

Аслан, 10-умин ҳамоиши байналмилалии "Гуфтугуҳои амниятии Ҳирот" 29-уми ноябр дар шаҳри Душанбе оғоз ёфта, имрӯз ҳам идома кард. Аҳмад Масъуд дар рӯзи дувуми ҳамоиш ширкат кард. Ӯ дар охири кори конфронс дар иҳотаи нигаҳбонон ва масъулини баргузории ҳамоиш вориди толор шуд. Чанд дақиқа аз минбар суханронӣ кард ва ба чанд суоли коршиносон посух гуфт. Дар фарҷоми кори ҳамоиш зуд толорро тарк намуд ва бо журналистон мулоқот накард. Маълум нест, ки Аҳмад Масъуд кай вориди Тоҷикистон шудааст. Ӯ қаблан ин ҷо буд ё ба тозагӣ омад? Бо роҳбарони кишвари мо мулоқоту вохӯрӣ дошт ё на, ин ҳам барои мо рӯшан нест. Барномаи сафари ӯ ба Душанбе аз чӣ иборат хоҳад буд, номаълум аст.

ТОЛИБ ҚОБИЛИ ЭЪТИМОД НЕСТ!

Зимни баромади мухтасари худ Аҳмад Масъуд оид ба вазъи кунунии Афғонистон ва роҳи ҳалли мушкили ин давлат суханронӣ намуда, таъкид кард, ки "имрӯз Афғонистон макони омӯзиш ва сарбозгирӣ барои террористони минтақавӣ ва байналмилалӣ ва як зиндони калон барои мардуми мусалмон ва мазлуми Афғонистон шудааст".

Ӯ гуфт, ки "Толибон" бар хилофи омӯзаҳои исломӣ ва байналмилалӣ амал карда, равишҳои мазлумонатару ифротиро рӯйи даст гирифтаанд".

Аҳмад Масъуд зимни суханрониаш барои наҷоти Афғонистону раҳоияш аз буҳрон иҷмои дохилӣ, минтақавӣ ва ҷаҳониро зарур хонд, то як механизми мушаххасу интихоботи саросарӣ фароҳам шавад. "Бигузор мардум худаш интихоб кунад, ки чӣ қудрату низомро мехоҳад",- изҳор дошт Аҳмад Масъуд.

Вай афзуд, ки агар толибҳо аз масири интихобот ба қудрат расанд, қабул хоҳад карду ҳеҷ баҳсе дар миён нахоҳад буд, чун машрӯияти мардумӣ хоҳанд дошт.

Ба гуфтаи ӯ, толибҳо ба ваъдаҳои қаблан додаашон вафо накарда, аз роҳи зулму истибдод кор гирифтанд, аммо низомҳои истибдодӣ дер давом нахоҳанд кард.

"Ҷиноятҳои зидди башарӣ, наслкушӣ ва ноамнӣ ва набудани қонун дар Афғонистон ба таври бесобиқа зиёд шуд, ки ҳамаи ин таҳдидҳои ҷиддӣ барои мардуми кишвар, минтақа ва ҷаҳон аст",- афзуд роҳбари Ҷабҳаи муқовимати миллӣ.

Дар поёни суханронии хеш Аҳмад Масъуд бори дигар ба бунёди ҳукумати ҳамашумул, ки бо иродаи мардуми Афғонистон сохта шуда бошад, таъкид намуд ва гуфт: "Мо бовармандем ба музокира, арзишҳо, боварҳо ва усулҳо ҳастем".

Дар посух ба суоле оид ба ҷойгоҳи Ҷабҳаи муқовимати миллӣ Аҳмад Масъуд чунин посух дод: "Дар тӯли якуним соле, ки муқовимат арзи ҳастӣ намуд, ба дастовардҳои чашмрасе ноил гашт. Талошҳои мо натиҷа дод, ки ҷомеаи ҷаҳон Толибонро ба расмият нашиносанд. Дигар дастоварди мо таъсиси Иттиҳоди умумӣ дар муқобили толибон аст. Мо ҷомеаи ҷаҳонро бовар кунонидем, ки Толиб қобили эътимод нест, Толиб хатарнок аст".

(Давомаш дар саҳ.6)

PRESSA.TJ

Дар тӯли якуним соле, ки муқовимат арзи ҳастӣ намуд, ба дастовардҳои чашмрасе ноил гашт. Талошҳои мо натиҷа дод, ки ҷомеаи ҷаҳон Толибонро ба расмият нашиносанд. Мо ҷомеаи ҷаҳонро бовар кунонидем, ки Толиб қобили эътимод нест, Толиб хатарнок аст.

ШАҲР ДАРВОЗА ДОРАД

Чаро таксиронҳо дар Душанбе таҳлука доранд?

"Дар шаҳри Душанбе кормандони БДА рақами таксиҳоро мегиранд", "Мошинҳои бароришашон то соли 2016 дигар ҳақи мусофиркашонӣ надоранд". То кадом андоза ин гуфтаҳо ҳақиқат доранд? Хабарнигори "Тоҷикистон" барои дарёфти ҳақиқат роҳи БДА-и шаҳрро пеш гирифт.

Қабл аз ҳама барои аниқ кардани воқеият барои рафтан ба БДА фармоиш додем. Баъд аз панҷ дақиқа таксӣ ҳозир шуд. Раҳораҳ бо ронанда суҳбат доштем. Ӯ ором буд. Ӯ изҳор кард, ки субҳи имрӯз дар шаҳр мошинҳои мусофиркаши зард, ки ба ин ё он ширкати мусофиркашӣ тааллуқ доранд, хеле кам буданд. Баъзан мошинҳои мусофиркаши берақам низ ба назар мерасиданд.

Ронандае мегӯяд, ки мошинҳои бароришаи то соли 2016-ро дигар барои мусофиркашӣ иҷозат намедиҳанд. Барои донистани асли воқеа мо бо ширкати "Раҳш таксӣ" иртибот гирифтем. Як масъули ширкат гуфт, ки то ҳол аз ин иқдом ва омилҳои рейд огоҳ нестанд.

Дар шуъбаи Бозрасии давлатии автомобилии ВКД дар шаҳри Душанбе Бахтиёр Вайсзода, сардори ин шуъба бо мо ҳамсуҳбат шуд. Зимни суҳбат ӯ изҳор дошт, ки амалиёти мақсаднок ва боздошти таксиҳои мусофирбар ба хотири аз назар гузаронидани ҳолати техникии онҳост.

"Имрӯз дар 12 ҷамъияти хурди мусофирбар 3600 квота муқаррар шудааст. Аммо ин ширкатҳо бинобар афзоиши ҳудуди шаҳри Душанбе аз ҳисоби ноҳияҳои гирду атрофи он 500 адад мошини дигарро барои хизматрасонӣ ба мардум зам кардаанд. Яъне, теъдод ба 4100 адад бояд мерасид. Ин теъдоди барои хизматрасонӣ дар пойтахт кифоя мебошад. Вале ҳоло зиёда аз 6000 мошини хурд бо хизматрасонии таксӣ дар пойтахт фаъолият мекунанд. Ҳар кадоме кӯшиш мекунанд, ки барои гирифтани мусофир аз якдигар пеш гузаранд, дар ҷойҳои номувофиқ мусофир мегиранд ё мефароранд. Ҳатто, дар қатори дуюм ё дар истгоҳҳо истода, ба ҳаракати автобусу троллейбус монеаи ҳаракат пеш меоранд. Дар натиҷа боиси садамаҳои нақлиётӣ ҳам мегарданд. Чандин ҳодисаи нақлиётӣ бо айби ронандагони ҷамъиятҳои мусофиркаш рух додааст. Дар давоми ду рӯзи охир кормандони БДА беш 200 таксиро, ки марбут ба ширкатҳои мусофиркаш ҳастанд, боздошт намудаанд. Ин мошинҳо ба талаботи техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ ҷавобгӯ нестанд",- изҳор дошт номбурда.



Бахтиёр Вайсзода, сардори шуъбаи БДА дар шаҳри Душанбе

Ҳаракати таксиҳо дар шаҳр ҳолатеро мемонад, ки замоне тангемҳо ба амал оварда буданд.

Ба таъкиди Вайсзода, баровардани мошинҳои соли бароришашон то 2016, ки имрӯз миёни ронандагон ҳар гуна ҳангомаро ба миён овардааст, асоси воқеӣ надорад. Баръакс, ширкатҳои хизматрасони мусофиркаш барои ҳамкорӣ ба мақомоти БДА мурочиат кардаанд, то мушкилоти мавҷуда бартараф гардад.

Масъулини БДА ба ин назаранд, ки ҷамъиятҳои мусофиркаш ҳам вазифадоранд ҳангоми бастани шартнома ҷиддӣ муносибат кунанд ва ҳаракати минбаъдаи мошинҳои мусофиркаш, аз ҷумла ҳолати техникӣ, тозагиро таҳти назорат гиранд.

Суоле ба миён меояд, ки агар дар ширкатҳо лимити муайяни қабули мошинҳои мусофиркаш қабул шуда бошад, пас чаро онҳо аз меъёр зиёд қабул мекунанд? Имрӯз бо мошинҳое низ рӯ ба рӯ мешавем, ки берун аз ҳудуди Душанбе, аз ҷумла ноҳияи Рӯдакӣ ба қайд гирифта шудаанд, аммо дар Душанбе фаъолият мекунанд. Дар бештари ин мошинҳо ҳолатҳои тозагӣ риоя намешавад. Пас, назорату масъулияти онҳо ба дӯши кӣ бошад?

У. РАҲИМЗОДА

P.S. *Бо чунин мазмун ба идораи ҳафтаномаи "Тоҷикистон" низ мурочиатномаҳо ворид гаштанд. Муаллифони онҳо шикоят пеш меоранд, ки ронандаҳо бо мусофирон дағалона рафтор мекунанд, мошинро бо суръати тез меронанд. Ин ҳолат набояд дер давом мекард. Ширкатҳое, ки ронанда ба кор мегиранд, бояд қабл аз ба кор гирифтан таксиронҳоро аз тест гузаронанд, ахлоқи онҳо, гузаштаи онҳоро санҷанд, бо онҳо пайваста суҳбат оронанд, маданияти муоширатро бо мусофирон омӯзонанд. Онҳо бояд дарк кунанд, ки шаҳр дарвоза дорад.*

МАНИЖА ДАР ДУШАНБЕ

аз ашки пеш аз консерт то таъсири суруди тоҷикӣ

Пас аз интизориҳои тӯлонӣ, бори нахуст сароянди маъруф Манижа, ки соли гузашта Русияро дар Eurovision муаррифӣ карда буд, дар зодгоҳаш Душанбе барномаи консертӣ баргузор намуд. Консерти сароянда "Шаҳри офтобӣ" ном дошта, санаи 24-уми ноябр дар "Кохи Суруш" баргузор гашт. Дар ҳошияи ин консерт суҳбати кӯтоҳе доштем бо Манижа.



МАН ДИГАР ТАНҲО НАЯМ…

Қабл аз консерташ Манижа дар Душанбе ҳиссиёти худро идора карда натавонист ва дар пушти саҳна гирист. Дар наворҳо дида мешавад, ки Манижа дар ҳузури навозандаҳо ва масъулони барномаи консертиаш ашк мерезад. "Ман худамро дошта наметавонам. Фикр намекардам, ки дар Ватан ҳунарнамоӣ кардан масъулияти дигар доштааст. Мисле ки бори аввал ба саҳна мебароям",- мегӯяд Манижа.

Ҳамкоронаш ӯро ором мекунанд ва пардозгар ба ороиш мепардозад.

Консерти Манижа дар Душанбе хеле хотирмон буд, зеро сароянда бори аввал ба забони модариаш суруд хонд. Вақте ӯ суруди машҳури "Танҳо наям"-и Наргис Бандишоеваро бозхонӣ кард, толор ӯро хеле хуб пазироӣ намуд. Ва ин суруд гӯё паёми Манижа ба Ватанаш буд. "Ман дигар танҳо наям байни замину осмон..."

ШАҲРИ ОФТОБӢ

- Манижа, аз сафари хеш ба Душанбе чӣ таассурот доред?

- Сафари навбатиам ба Душанбе пур аз эҳсос аст. Қаблан, ба ин ҷо барои саёҳату дидорбинӣ меомадам, вале ин дафъа ба ҳайси сароянда омадам ва дар зодгоҳам бори аввал консерт баргузор мекунам. Дигар ин ки, мардуми Тоҷикистон дар лаҳзаҳои ҳассоси зиндагӣ, вақти ширкат дар "Евровидение" маро зиёд дастгирӣ карданд. Муҳаббати ҳар фарди Тоҷикистонро ҳамеша эҳсос мекунам ва ин бароям гуворо аст.

- Дар бораи консерти худ бигӯед.

- Ин идомаи силсилаконсертҳои ман аст, ки аз 1-уми сентябр оғоз шуд. Ин силсила Арманистон, Гурҷистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро фаро мегирад.

- Чаро консерти шумо дар Душанбе бо таъхир баргузор мешавад?

- Сабабашро қаблан ҳам гуфта будам. Дар Русия мобилизатсия - басиҷи низомӣ оғоз шуд ва аксари гуруҳи ман ҷавонони синни даъват ба артиш ҳастанд. Ҳолати номаълумӣ буд. Бинобар ин, мо консертро ба таъхир гузоштем.

- Гуруҳи шумо аз чанд нафар иборат аст?

- Аз 8-10 нафар. Инҳо навозандагон ва масъулони баргузории консерт ҳастанд.

- Мебинам, ки модаратон ҳам бо шумо ҳастанд?

- Бале. Дар сафари Душанбе модарам ва бародарам маро ҳамроҳӣ мекунанд.

- Душнаберо чӣ гуна дарёфтед?

- Чаро ман консертамро "Шаҳри офтобӣ" ном гузоштам? Зеро Душанбе барои ман Офтобро мемонад, ки ҳамеша гармӣ медиҳад. Ин ҷо зодгоҳи ман аст ва аз ин ҷо энержӣ мегирам. Душанбе бароям азиз аст.

- Дар наворе дидам, ки аллакай курутоб ҳам хӯрдед?

- Бале ва на як бор. Дар Душанбе дар ин чанд рӯз фақат хӯрокҳои бомазза мехӯрем. Ош, курутоб, самбӯса ва дигар таомҳои миллӣ. Воқеан, таомҳои бомаззаи тоҷикиро дида, худро дошта наметавонам. Бисёриҳо маро дида мегӯянд, ки ҳомиладор шудай? Мегӯям, ки не, аз пурхӯрӣ фарбеҳ шудаам...

- Воқеан, дар ин авохир шавҳар кардед. Дар ин бора бигӯед?

- Бале, шавҳарам Ладо Кватания режиссёр аст. Ин як марҳилаи умр аст, ки ҳар як инсон онро бояд тай кунад...

- Дар консерт бо забони тоҷикӣ низ суруд иҷро кардед.

- Бале. Ман кӯшиш карда истодаам, ки забони модариамро хубтар омӯзам. Дар оянда ният дорам, ки бештар сурудҳои тоҷикӣ хонам.

- Қаблан эълон карда будед, ки қисме аз даромади консерти шумо ба хайрия сарф мешавад.

- Бале. Фонди SILSILA, ки ман онро таъсис додаам, ба инсонҳое кумак мекунад, ки дар ҳолатҳои душвори зиндагӣ қарор доранд. Ҳоло бештар ба муҳоҷирон кумак мекунем. Қадами навбатии мо ин аст, ки буклети маълумотдиҳӣ нашр кунем ва дар тайёраҳо ба муҳоҷирон тақсим намоем. Дар ин буклетҳо телефони боварии ташкилотҳои кумак ба муҳоҷирон навишта мешавад, то ки муҳоҷирон дар ҳолати дучор омадан ба мушкилот ба онҳо мурочиат кунанд.

МАНИЖА КИСТ?

Манижа Сангин (Ҳамроева) соли 1991 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Ӯ набераи Тоҷӣ Усмон, яке аз нависандагони машҳури тоҷик аст. Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва инглисӣ тарона мехонад. Ҳоло дар Маскав зиндагонӣ мекунад. Аввал бо тахаллуси «РуКола» ба саҳнаи ҳунар баромад, ҳоло бо номи худаш - Манижа (Manizha) ҳунарнамоӣ мекунад. Соли 2007 Манижа дар озмуни байналмилалии мусиқӣ дар кишварҳои ИДМ «Панҷ ситора. Интервидение» бомуваффақият иштирок намудааст. Соли 2021 бошад, дар озмуни Eurovision Русияро бо суруди Russian Woman муаррифӣ кард.

Манижа дар баробари сароядагӣ ходими фаъоли ҷамъиятӣ мебошад. Яке аз муборизони хушунатҳои оилавӣ аст. Аз соли 2019 сафири бунёди "Ҳаёт эҳдо бикун" мебошад. Аз соли 2020 сафири иродаи неки СММ дар умури паноҳандагон (UNHCR) аст.

Соли 2022 дар филми коргардон Ладо Кватания «Ҳукми қатл» (русӣ «Казнь») нақши модари Исоро офарид.

О. НОЗИР

АКБАРҶОН ИСМОИЛОВ

Роҳбари ҷамъияти тоҷикон узви Шӯрои Ассамблеяи мардуми Қазоқистон шуд



Акбарҷон Исмоилов, раҳбари Маркази фарҳангӣ ва этникии тоҷикон дар Ҷумҳурии Қазоқистон охири ҳафтаи гузашта ба Шӯрои Ассамблеяи мардуми Қазоқистон шомил гардид.

Ин тадбир дар ҷаласаи навбатии Ассамблея бо роҳбарии Марат Азилхонов, муовини раисҷумҳури Қазоқистон сурат гирифт ва ӯ узвияти Исмоиловро ба ҳайати иштирокдорон пешниҳод карду якдилона қабул гардид.

Расонаҳои Қазоқистон ҳам аз қавли Марат Азилхонов ҳангоми муаррифии Акбарҷон Исмоилов навиштаанд, ки "аз замони ташкили Маркази фарҳангӣ ва этникии тоҷикони Қазоқистон Исмоилов фаъолнокии худро нишон дод ва ба андешаи ман, дар ҳайати Шӯро як шахси арзандаи нав ҳамроҳ мешавад".

Пас аз пошхӯрии даврони Шӯравӣ моҳи сентябри ҳамин сол бо ташаббуси тоҷикони муқимии Ҷумҳурии Қазоқистон ин Марказ таъсис ёфт ва аввалин роҳбари он Акбарҷон Исмоилови 33-сола интихоб гардид.

Худи Акбарҷон Исмоилов ҳам дар як тамоси катбӣ бо нашрияи "Тоҷикистон" ин рӯйдодро тасдиқ кард ва гуфт: "Шомил шудани ман ба Шӯрои Ассамблеяи мардуми Қазоқистон ҳам ногаҳонӣ буд ва ҳам як масъулияти баландро дар пеши ман гузошт. Зеро роҳбари ин Ассамблея Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосимҷомарт Тоқаев аст ва ба ҳайати беш аз 80-нафараи он раиси Дастгоҳи Президент, муовини раисҷумҳури Қазоқистон, мушовирони Президент, вазири иттилоот ва рушди иҷтимоӣ, фарҳанг ва варзиш, маориф ва илм, ҳокимони Остона, Алмаато, Чимкент ва дигар вилоятҳо шомиланд. Аз ин рӯ, ман бояд ба боварии ҳайат сазовор бошам ва обрӯи тоҷикони бурунмарзиро нигаҳ дорам».

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон беш аз 130 қавмияту миллатҳои ғайриқазоқ зиндагӣ мекунанд, ки як ҳиссаи калонро тоҷикон низ ташкил медиҳанд. Ба иттилои Маркази фарҳангӣ ва этникии тоҷикони Қазоқистон, ҳоло дар ҳудуди кишвар бештар аз 100 ҳазор нафар тоҷиктаборон зиндагӣ мекунанд, ки аксарияти онҳо дар ҷануби он муқимӣ шудаанд. Дар он минтақа беш аз 10 мактаби тоҷикӣ низ амал мекунад. Ба гуфтаи таърихшиносон, тақрибан 100 сол пеш тоҷикони Қазоқистон асосан аз ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ дар даврони Шӯравӣ ба онҷо рафта ва дигар барнагаштаанд. Як қисми дигари тоҷиктаборон аз шаҳри Самарқанд рафтаанд. Баъди соҳибистиқолии кишварҳои пасошӯравӣ низ аз Тоҷикистон ба Қазоқистон бархе аз тоҷикон бо нияти кору зиндагӣ дар он кишвар зиндагиву иқомати ҳамешагӣ ихтиёр кардаанд. Вале дар доираҳои сиёсии кишвар тоҷикон камтар мақом ёфтаанд ва интихоби Акбарҷон Исмоилов ба ҳайати як созмони сиёсатмадорони Ҷумҳурии Қазоқистон рухдоди камназир аст.

Акбарҷон Исмоилов соли 1988 дар вилояти Улутави Қазоқистон таваллуд шудааст. Таҳсили миёнаро дар шимоли Қазоқистон гирифта, соли 2016 Донишгоҳи Мадинаро хатм кард. Ба соҳибкорӣ машғул аст. Ӯ бунёдгузори се ширкати тиҷоратӣ аст. Аз соли 2017 то 2022 роҳбари Маркази тоҷикони шаҳри Остона буд. Аз моҳи сентябри соли 2022 роҳбари Маркази ҷумҳуриявии тоҷикони Қазоқистон аст.

ТАВАЛЛУД РОЙГОН АСТ Ё ПУЛАКӢ?

Аз шикоят то телефони боварии вазир. Инро бояд донист

Шикоят аз шеваи хизматрасонӣ дар таваллудхонаҳои Тоҷикистон кам нест. Мегӯянд, ки дар таваллудхонаҳои кишвар ҳангоми таваллуди тифл зиёд маблағ меситонанд. Агар ба шабакаҳои иҷтимоӣ сар халонед, пур аз шарҳи корбарон дар мавриди хизматрасониҳои тиббӣ аст. Онҳое, ки дар таваллудхонаҳо корафтода шудаанд, бар ин назаранд, ки аз фаррош то момодоя ва табиб аз наздикони модари кӯдак пул талаб мекунанд. Аммо масъулини Вазорати тандурустӣ иддао доранд, ки хизматрасонӣ дар таваллудхонаҳо ройгон аст. Воқеият чист?



АЗ ШИКОЯТИ МАРДУМ

Моҳира Исмоилова яке аз корафтодагон дар таваллудхона мебошад. Ӯ дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" менависад, ки аз рӯзи якум дар шуъбаи қабули беморхона гирифтани маблағ сар мешавад: 40 сомонӣ супор. Баъдан, пули палата, фонди беморхона... "Медсестра меояд, анализ барои хун, пешоб супор мегӯяд. Модоме, ки ҳамон анализҳоро ҳамин моҳ супоридаем, дар карта ҳаст, аммо боз 180 сомонӣ месупорӣ. Боз барои дастпӯшак (причятка), сӯзандору, пахта месупорем. Ҳол он ки, ин чизҳо бояд бепул бошанд. Хулоса, то таваллуд кардану баромадан фақат пул, агар надорам гӯед, тамом, дигар ҳеҷ кас писанд намекунад...",- мегӯяд номбурда.

Моҳира Исмоилова аз аввал то охир барои таваллуди фарзанд 4500 сомонӣ сарф кардааст.

Рӯйхати шикоятҳоро метавон идома дод. Аз ҷумла, рӯзномanигор ва фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ Бахтиёр Ҳамдамов мегӯяд, ки вақте кӯдак дар батни модар аст, "ройгон" аз машварату ташхис (медконсултация) оғоз мешавад. "Баъд ҳангоми таваллуд дар таги дари таваллудхона доя, санитарка, хуллас як гуруҳи бузург ҷамъ мешаванд, ки ба ҳамаашон бояд "ройгон" муҷдагонӣ диҳӣ. Баъд боло даъват мекунанд, бояд ба духтур "ройгон" арзи сипос кунӣ. Кӯдакро, ки ба хона бурдӣ, ҳар моҳ бояд ба дармонгоҳ "ройгон" рафта нишон диҳӣ. Баъдтар, дигар муассисаҳо ба ин "хизмати ройгон" то инсони бузург шудани ин "одамча" ҳамроҳ мешаванд. Шаҳодатномаи таваллуд ройгон, боғча ройгон, мактаб ройгон, донишгоҳ ройгон",- нигаронӣ мекунад номбурда.

PRESSA.TJ

Шаҳрвандон ҳангоми рӯ ба рӯ шудан ба хизматрасонии пулакӣ дар таваллудхона, бояд ба Вазорати тандурустӣ ё ба рақами телефони боварии вазири тандурустӣ - 2-21-18-35, 44-600 600-02, 2-21 05-90 мурочиат намоянд.

ВАЗЪ ДАР ХАТЛОН ЧӢ ГУНА АСТ?

Рӯзноманигор Қурбоналӣ Қурбонов изҳор медорад, ки ситонидани маблағҳои ҳангуфт як тараф истад, ҳоло дар таваллудхонаҳои вилояти Хатлон, бо андаке дертар таваллуд кардани занон, дарҳол ҷарроҳӣ намудани занон мӯд гаштааст. "Агар сохторҳои зидахл ҷиддитар санҷида бароянд, шояд танҳо дар ҳудуди Бохтар ҳар шабонарӯз зиёда аз 5 нафар занони ҳомила бо роҳи ҷарроҳӣ таваллуд кунонида мешаванд. Ҳол он ки, пеш аз ҷарроҳӣ бояд бо даъвати мутахассисони дахлдори соҳавӣ машварат гузаронида шаваду баъди таҳлили амиқ, барои ҷарроҳӣ бо гузоштани қайдҳои махсус дар ҳуҷҷате, ки таърихи беморӣ ном бурда мешавад, иҷозат диҳанд. Аммо аксари ҷарроҳиҳо бе чунин расмиятҳо сурат мегиранд",- изҳор дошт номбурда.

Воқеан ҳам, назари мардум нисбат ба таваллудхонаҳои кишвар яксон нест. Агар яке шиква кунад, дигаре тавсиф мекунад. Аммо то кучо хизматрасонӣ дар таваллудхонаҳои кишвар пулакист ё ройгон? Дар ин росто, борҳо масъулини Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон изҳори назар намудаанд.

ВАЗИРИ ТАНДУРУСТӢ ЧӢ МЕГӮЯД?

Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ҷамолиддин Абдуллозода дар посух ба ин савол иброз дошт, ки ягон таваллудхона ҳақи гирифтани пулро аз бемор ё соҳиби ӯ надорад. Дар сурати пайдо шудани чунин ҳолат, мардум бояд ба вазорат мурочиат кунанд ё ба телефонҳои боварӣ, ки дар тамоми муассисаҳо насб шудаанд, занг зананд.

"Таваллуд дар Тоҷикистон ройгон аст. Ин чизро мо бояд қабул кунем, вақте ягон қонуншиканӣ ё ягон муносибати дағал мешавад, ин вобаста аз вичдони ҳамон корманд ва ё ҳамон шахс аст. Хизматрасонӣ дар таваллудхона ба пуррагӣ бепул аст",- гуфт Ҷамолиддин Абдуллозода.

Абдуллозода дар як нишасти хабарӣ бар он ишора кард, ки ҳангоми хабаргирӣ аз фаъолияти беморхонаҳо, шахсан бо наздикони беморон вобаста ба гирифтани маблағ аз ҷониби духтурон суҳбатҳо анҷом медиҳад.

"Буриши қайсарӣ низ куллан ройгон аст. Ман баъзан вақт ба хешовандони беморон савол медиҳам, ки шумо буриши қайсарӣ кардед, оё аз шумо маблағ талаб карданд? Хушбахтона, ман бо чунин ҳолат рӯ ба рӯ нашудам",- гуфт вазир.

Аммо вазири тандурустӣ як нуктаи дигарро қайд кард, ки агар бемор аз дигар минтақа бошад, дар он ҳолат метавонад хизматрасонӣ пулакӣ шавад. "Дар мо барномаҳои кафолатҳои давлатӣ ҳаст. Дар ҳамон барномаҳои кафолатҳои давлатӣ омадааст, ки агар минтнақаи хизматрасонии бемор дигар шавад, ҳатман маблағ месупорад",- изҳор дошт Ҷамолиддин Абдуллозода.

Абдуллозода Ҷамолиддин аз шаҳрвандон хостааст, ки ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо чунин ҳолатҳо ба Вазорати тандурустӣ ё ба рақами телефони боварии вазири тандурустӣ - 2-21-18-35, 44-600 600-02, 2-21 05-90 мурочиат кунанд.

Бино ба маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон, соли равон қариб 1000 мурочиати шаҳрвандон қабул карда шудааст. Аммо теъдоди ками шикоятҳо ба фаъолияти таваллудхонаҳо рост меояд. Масъулини ин вазорат бо итминон мегӯянд, ки пас аз корҳои фаҳмондадиҳӣ ва таваҷҷуҳ ба телефони боварӣ фаъолияти муассисаҳои тиббӣ рӯ ба беҳбудӣ овардааст.

Инсон дар ҳар маврид агар ҳуқуқҳои худро донад ва саводи расонаӣ, тафаккури интиқодӣ дошта бошад, ҳеҷ гоҳ дар банди қонуншиканӣ гирифтор намешавад. Дар мисоли таваллудхонаҳо низ чунин аст. Вақте медонед, ки хизматрасониҳо дар таваллудхона ройгон аст, бо боварӣ бо духтур суҳбат намоед. Ё ҳангоми супоридани маблағ расидро талаб намоед. Инчунин, ҳангоми ворид шудан ба таваллудхонаҳо дастурамал ё дигар санадҳои дар онҷо насбшударо бодиққат хонед. Ҳамчунин, пайваста расонаҳои доир ба фаъолияти соҳаи тандурустиро мутолиа намоед ва аз навгониҳо бохабар шавед, то ин ки минбаъд ба доми фиреб наафтед.

Идибеки САИД,
Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА

МАВҚЕЪ



ЛОЛАИ САИДАКБАР

ҲУКМИ ҚАТЛ ЗАРУР АСТ

Чандин сол аст, ки дар кишвари мо ҳукми қатл ба ҷазои дигар, яъне абадан маҳрум намудан аз озодӣ иваз шудааст. Баъзеҳо сабаби зиёд шудани ҷиноятҳои махсусан вазнинро дар ҳамин мебинанд. Зеро, ҷинояткороне ҳастанд, ки барои онҳо дар зиндон будан ҳазорон маротиба беҳтар аст аз озодӣ...

Имрӯз мо тариқи расонаҳои хабарӣ огаҳ мегардем, ки дар ин ё он минтақаи кишвар ҷиноятҳои мудҳише аз қабили куштори бераҳмона ё таҷовуз ба номусу кӯдакони маъсуму бегуноҳ ба қайд гирифта мешаванд, ки ҳукми қатл дар ҳақи ин гуна муҷримон одилонатарин ҳукм ба ҳисоб меравад!

Бекор кардани ҳукми қатл ё ба шакли дигари ҷазо гузаштан, яъне умрбод аз озодӣ маҳрум намудани ҷинояткоре, ки ҷиноятҳои махсусан вазнин содир намудааст, аз гуманизми аблаҳонаи Ғарб сарчашма мегирад. Дар Аврупо инро инсонпарастӣ меноманд, ки ба андешаи шахсии ман сахт хато мекунанд. Ман он фардеро, ки синаи ҳамҷинси худро медараду ба таҷовузу куштору ғорат даст мезанад, яъне асири ҷаҳли мураккаб аст, асло одам намеҳисобам. Ӯ ҳайвонест дар сурати одам. Пас ӯ бояд мувофиқи кирдори разилонааш ҷазо гирифта, аз қимматтарин чиз барои инсон - ҳаёт маҳрум шавад, то барои дигар ҳамтоёнаш дарси ибрат гардад.

Намедонам, ки чаро мо ба Аврупо тақлид мекунем ва аз онҳо маслиҳат мепурсем?! Ҳол он ки, дар кишвари ба мо ҳамсояву дӯсти Чин барои паҳн кардану фурӯхтани маводи мухаддир, ришваситонӣ ва боз чандин ҷурми дигар ҷиноятқорро ҳукми қатл интизор аст. Агар мо аз Ғарби пур аз фисқу фуҷур нею аз Чину Эрон сабақи қонунӣ меомӯхтем, шояд то ин дараҷа ба ботлоқи ришваю фасод намеғӯтидем?

(Давомаш дар саҳ.6)



“ТОҶИКСОДИРОТБОНК”, БА АРЗИ СОБИҚАДОРОН РАС!

Мо пасандозгузорони ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”, собиқадорони меҳнат, нафақагирон Саидов Раҳмон ва Қурбонов Тӯйчӣ Арбобович маблағеро, ки барои рӯзи “мабодо” дар ин бонк амонат гузоштаем, то ҳол бозпас гирифта наметавонем.

Ҳол он ки, мувофиқи банди 2-юми шартнома, бояд бо дархости аввал бонки мазкур маблағи моро пардохт мекард.

“Тоҷиксодиротбонк” пас аз муфлисшавӣ ва гузаштани салоҳияташ ба Бонки миллӣ то имрӯз амонати моро барнагардонидааст. Борҳо ба масъулини бонк барои баргардонидани маблағи худ мурочиат кардем, аммо бенатиҷа аст.

Синнамон ба 80 расидааст, барои хариди доруворӣ ва ҳақи нигоҳубини табибон маблағе надорем. Дар тӯли умр заррае ҳам бошад, барои пешрафти Тоҷикистон саҳми худро гузоштаем.

Аз масъулони Бонки миллӣ ва дигар ниҳодҳои дахлдор хоҳиш менамоем, ки ба арзи мо расанд.

Раҳмон САИДОВ,
Тӯйчӣ ҚУРБОНОВ,
сокинони шаҳри Душанбе

НАПАРДОХТАНИ АЛИМЕНТ ПАДАРРО ПАСИ ПАНҶАРА БУРД

Муносибати хуби хонавода-гӣ дар тарбияи фарзанд саҳми бориз гузошта, ин ҳолат метавонад барои рушду нумуи фарзандон ва пешрафти онҳо дар зиндагӣ нақши созгор гузорад. Ҳолатҳои пароканда шудани оила гоҳо боиси парешонии фарзандон дар ҷомеа мегардад.

Тарбияи дурусту соҳибмаърифат гардидани фарзандон пеш аз ҳама ба уҳдаи волидон мебошад. Мутаассифона, ҳолатҳое рух медиҳанд, ки аз пароканда шудани оила фарзандон сарсону саргардон шуда, ҳолати руҳию равониашон заиф мегардад. Ба ин ҳаёту зиндагии парешони оилаи сокинони ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ Алимхону Парвина мисол шуда метавонад.

Алимхон Хамаев моҳи августи соли 2016 бо шаҳрванд Парвина Қурбонова - сокини ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бо расму оини мусулмонӣ ақди никоҳ баста, оила барпо намуда, аз муносибати оилавиашон соҳиби 2 фарзанд шуданд. Бо сабаби нофаҳмиҳо миёни ҳам ва муноқишаҳо муносибати оилавиашон қатъ гардида, моҳи январи соли 2018 аз якдигар ҷудо шуданд.

Тибқи ҳалномаи суд бояд Алимхон Хамаев ба фоидаи Парвина Қурбонова барои таъминоти фарзандони ноболиғаш барои ҳарду ҳар моҳ 260 сомонӣ пардохт менамуд, вале мутаассифона, ӯ ба муддати 17 моҳ аз пардохт кардани маблағи алименти таъиннамуда саркашӣ карда, дар маҷмуъ, маблағи қарз ба 4420 сомонӣ расидааст.

Суд ҳамаи ҳолатҳоро ба инобат гирифта, кирдори Алимхон Хамаевро бо моддаи 177, қисми 1-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст намуда, нисбати ӯ бо ин қисми модда ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 6 моҳ бо нигоҳ доштан дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми умумӣ таъин кард.

С. МИРЗОЗОДА,
судяи Суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ



ОЛИ ХУҶАНД ДАР ИСФАҲОН

Дар шаҳри Исфаҳони Эрон хиёбонест, ки онро хиёбони Оли Хуҷанд мегӯянд. Ин хиёбон барои бузургдошт ва эҳтироми хуҷандиёне номгузорӣ шудааст, ки дар қарнҳои 5/6/7 ҳиҷрӣ-қамарӣ дар ду маҳаллаи Дардашти ин шаҳр мезистаанд.

Онҳо дар корҳои идоракунии шаҳр ва ҳамчунин пешвои шофеъимазҳабони ин шаҳр будаанд. Хуҷандиёни Исфаҳон дар ободонӣ ва



равнақи илму адаби исфаҳониён саҳми сазовори хешро гузоштаанд. Оли Хуҷанд дар Исфаҳон китобхонаи бузурге низ бино карда буданд. Дар ободонии масҷиди ҷомеъ, манораи чиҳилдухтарон, масҷид ва манораи Ғор ва манораи Син низ Оли Хуҷанд саҳми худро гузошта буданд, ки бузургдошту эҳтиромашон то ҳанӯз пойбарҷост.

И. ҒОИБОВ

ЧАРО АЗ СОХТМОНҲОИ АЗИМ ФИЛМ САБТ НАМЕШАВАД?

Замони шӯравӣ дар бораи бунёду сохтмонҳои аср, аз қабили НБО “Норак”, Канали Вахш, Заводи Алюминий ва дигар иншооти азим филмҳои ҳуҷҷативу бадеӣ сабт шуда, дар кинотеатр ва телевизионҳо ба намоиш гузошта мешуданд. Вале чаро аз сохтмонҳои азими замони Истиқлол чунин филмҳо сабт намешаванд?

Дар 31 соли соҳибистиқлолии кишвар сохтмонҳои азиме аз қабили НБО “Сангтӯда”, нақбҳои “Истиқлол”, “Данғара”, роҳи Душанбе-Чаноқ, Душанбе-Бохтар, НБО “Роғун” сохта ба истифода дода шуданд. Вале аз ин сохтмонҳо, ҳаёти кормандони онҳо на филми ҳуҷҷатӣ сабт гардиду на филми бадеӣ.

Аз Вазорати нақлиёт, Вазорати энергетика, Кумитаи сохтмон, Вазорати фарҳанг, масъулони маънавиёт ва идеологияи Ҳукумати кишвар, Киностудияи “Тоҷикфилм” ва телевизионҳои кишвар хоҳиш мекунем, ки дар ин масъа андеша кунанд.

А. САЪДУЛЛО,
шаҳри Бохтар

АҲМАД МАСЪУД ДАР ДУШАНБЕ

Аз хатари Толибон то таъсиси ҳукумати фарогир



(Аввалаш дар саҳ.3)

ҲУКУМАТИ ҲАМАШУМУЛ

Тавре ишора рафт, 29-уми ноябр дар Душанбе 10-умин ҳамоиши байналмилалии “Гуфтугуҳои амниятии Ҳирот” оғоз гардид, ки дар он сиёсатмадорону чеҳраҳои шинохтаи Афғонистон, мақомдорону коршиносон аз Тоҷикистон ва кишварҳои дигари минтақаю ҷаҳон иштирок ва суханронӣ намуданд. Намояндаи Толибон ба ин ҳамоиш даъват шуда буд, аммо дар он иштирок накард.

Ҳадафи аслии ҳамоиши мазкур таҳлили вазъи кунунӣ ва пайдо намудани роҳи ҳалли мушкилоти имрӯза дар Афғонистон буд.

Қосимшоҳ Искандаров, раиси Маркази мутолиоти Афғонистон, ки конфронсро ифтитоҳ намудааст, гуфт: “Ташкили чунин ҳамоиш метавонад роҳеро барои гуфтугуҳо атрофи ҳалли қазияи ҳамсояи Тоҷикистон боз кунад”.

Фарҳод Салим, муовини вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон бошад, мавқеи Тоҷикистонро дар робита ба вазъи имрӯзаи Афғонистон баён дошта, таъкид намуд, ки равандҳои дар Афғонистон ҷараёндошта ба суботи кишварҳои минтақа бетаъсир нахоҳанд буд. “Мо нақзи ҳуқуқи миллатҳои гуногун ва занонро дар Афғонистон шадидан маҳкум мекунем”,- гуфт ӯ.

Рангин Додфар Сипанто, раиси ҳайати машваратии Институти мутолеоти стратегии Афғонистон ва собиқ вазири корҳои хориҷии ин кишвар аз ташкили ҳукумати фарогир ҷонибдорӣ намуда, иброз дошт, ки ин роҳҳали асосӣ дар овардани субот дар Афғонистон ҳисобида мешавад.

Сипанто гуфт, ки “ҳукумат”-и таъсисдодаи Толибон ин воқеиятро қабул надоранд ва ҳоло худро пирӯзи майдон меҳисобанд ва ба ҳеҷ гуна нишастҳо ҳузур пайдо намекунанд.

Таъсиси ҳукумати ҳамашумул ва риояи меъёрҳои байналмилалӣ дар идораи умури Афғонистон хулосаи суҳбати иштирокчиёни ҳамоиш буд.

О. СОҲИБЗОДА

ҲУКМИ ҚАТЛ ЗАРУР АСТ

(Аввалаш дар саҳ.5)

Ёд дорам, калонсолон мегуфтанд, ки чун охири дунё наздик шавад, муқаддасот аз байн мераванд. Он вақтҳо ба маънои вожаи муқаддасот сарфаҳм намерафтам, вале баъдҳо...

Ҳамагӣ чанд сол пеш ба унвонии модар ё хоҳари касе ҳақорати қабеҳ фиристодан гуноҳи сахт ба ҳисоб мерафту атрофаш онқадар ҷангу ҷанҷолҳое мешуд, ки баъзан ба хунрезӣ рафта мерасид. Аммо оҳиста-оҳиста ин ҳама аз байн рафт ва аз даҳони хурду калон ин гуна гуфтаҳои қабеҳ арзонӣ мерехтанд ва касеро ба ташвиш намеовард. Кор то ҷое расидааст, ки ҳоло ҳақорати қабеҳ ба унвонии модар дар шумори шӯхӣ қабул карда мешавад. Шояд шумо мегӯед, ки ҳақорат гап асту модар дар ҳама давру замон муқаддас мемонад?

Мутаассифона, дар ҷомеаи мо чандин ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки модар аз тарафи фарзанди хеш ҷон ба ҷонофарин супоридааст. Модаркушеро медонам, ки бар асари мастӣ модари пирашро латукӯб карда, ба қатл расонд. Баъзеҳо мегӯянд, ки ин палид ҷасади беҷони модарро... ба гуфтан забонам намегардад... Вале ӯ баъди адои ҷазои 17 соли зиндон ба озодӣ баромаду баъди шаш моҳ боз ба зиндон афтод, зеро ин дафъа қасди таҷовузи писарбачаи хурдсолеро кардааст. Оё ҳукми қатл барои ин касиф ҷазои одилона набуд?!

Хоса он педофилҳое, ки кӯдакони маъсумро таҷовуз кардаю баъд мекушанд, бояд ҳукми қатл гиранд, онҳо шогирдони шайтонанд, ки ҳеҷ гоҳ ислоҳ нахоҳанд шуд!

КАЧОЛУ

Ё баҳси коршиносонаи караму сабзиву лаблабу дар бораи картошка



26-уми ноябр. Аз бозори “Меҳргон” хаставу лакот бармегардам. Халтаи караму сабзиву лаблабуро кунҷи айвон гузошта, ба хона медарояму бо мақсади каме нафас рост кардан рӯйи кӯрпача дароз мекашам.

Ҳанӯз ҳам караму сабзиву лаблабу пеши назар. Бо ҳамдигар баҳс доранд.



КАРАМ: Аҷоиб рӯзе шуд. «Фестивали намоиш-фурӯши картошка ва тайёр намудани хӯрокҳо аз он»-и Вазорати кишоварзӣ то дергоҳ аз хотири иштирокдорони ин чашнвора нахоҳад рафт.

САБЗӢ: Ҳо, рост, бисёриҳо ба вачд омаданд. Ман ҳам қариб буд ба рақс дароям. Агар чунин мешуд, карамро ҳам ба базм даъват мекардам.

ЛАБЛАБУ: Ҳаҳаҳаҳ, карам то либосҳояшро мекашиду ба рақс медаромад, рӯз шаб мешуд.

КАРАМ: Шарм гуфтанӣ гап ҳаст. Чӣ дардам гирифта будаст, ки чизи табииро аз танам дур мекардаам? Ҳамон хел бо либос, зебо рақсидан мегирифтам. Аммо, воқеан, ин чашн иди мо набуд ку! Барои чӣ ин қадар хушҳолӣ доред?

САБЗӢ: Дар ҳақиқат, хурсандӣ барои чист? Масалан метавонистанд фестивали карам ё лаблабу ташкил кунанд...

ЛАБЛАБУ: “Нони дуюм” гуфтаанд-дия!

КАРАМ: Не, ман ин хел фикр намекунам. Шояд пешрафтҳои имсолаи картошкаро ба назар гирифта бошанд. Тибқи маълумоти Вазорати кишоварзӣ, соли равон дар майдони 32,1 ҳазор гектар картошка кишт шудааст. Ҳосили умумии картошкаи ҷамъоваришуда то 18-уми ноябри соли равон дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавӣ 821 340 тоннаро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 185 ҳазору 181 тонна зиёд аст. Бар асоси меъёрҳои физиологӣ талаботи ҳар сокини Тоҷикистон ба картошка дар як сол 92 кг муайян шудааст. Аммо, сарфи назар аз он, ки меъёр 92 кило аст, ҳаҷми воқеии истеъмоли картошка дар чумҳурӣ ба як кас дар 1 сол ба 130 кило мерасидааст.





САБЗӢ: Ҳа-а-а, фаҳмо. Диданд, ки ҳосил зиёд аст, “кам намешавад” гуфта, исроф кардан мегиранд. Набошад, хӯрокхояшон майлаш, ҳамон бозичаҳои булачаб чӣ лозим буданд? Бечора качолу, эъ, картошкаро таҳқир карданд. О, наметонед ҳамон картошкаҳои калонро як кас фурӯшаду ниёзманде ягон хӯроки бамаънӣ пухта, бо аҳли оилааш тановул кунад!?

ЛАБЛАБУ: Лекин, ман фикр мекунам, ки сабаб дигар чиз - таассуб аст. Ба давлати Кипр таассуб шудааст. Дар майдони Авгораи наздикии минтақаи Фамагустаи ин кишвар ҳамасола Фестивали умумикиприи картошка баргузор мешавад.

КАРАМ: Ман ҳам ҳамин хел фикр мекунам, вале шояд таассуб ба ватани “нони дуюм” - Русия шуда бошад.

САБЗӢ: Охир, мо иди миллии “Меҳргон” дорем, чашне, ки таърихи беш аз сеҳазорсола дорад. Намешавад, ки ҳар сол дар иди “Меҳргон” пахтакорон, ғаллакорон, боғу токпарварон, чорводорон, механизаторон, лаблабу, карам, картошка, пиёзу боқило ва дигаронро ҷамъу ҷӯр кунанду базм ороянд?

ЛАБЛАБУ: Сад дар сад дуруст! Масалан, маро Вазорати кишоварзӣ бо роҳандозии фестивал сахт хафа кард. Шояд чандеи дигар ҳам хафа шуда бошанд. Барои ҳамин, агар ҳама дар иди “Меҳргон” ҷамъ оянд, хафагиҳо аз байн мераванд.

КАРАМ: Ман ҳам ба фикратон мувофиқам. Беҳтараш Вазорати кишоварзӣ “Фестивали технологияҳои кишоварзӣ, нуриҳои минералӣ ва азотӣ” ташкил кунад. Зеро, пеш аз худнамоӣ аввал замина барои истеҳсоли маҳсулоти босифату арзон муҳайё мегардад ва мардум ба андозаи лозимияшон картошка дастрас мекунанду танзҳое ба мисли хушгӯии зерин аз байн мераванд:

Пахши мустақими радио. Занг:

- Ало, салом, радио аст!?

- Бале, мо шуморо мешунавем.

- Бубахшед, маро ҳама мешунаванд?

- Бале!

- Дар мошину маршруткаҳо ҳам?

- Бале! Дар ҳамаи маршруткаҳо ҳоло шабакаи моро гӯш мекунанд!

- Гапамро гӯям мумкин?

- Бале, гап занед.

- Асад, картошка нахар! Дадам ҳозир харида омад. Мефаҳмӣ...

... Дада, мефаҳмӣ...

Чашмонамро боз мекунаму мебинам, ки писарчаи хурдӣ ду дона картошкаи майдаяк дар даст, мепурсад: “Дада, бо ин ҷолачаҳо тӯбчабозӣ кунам?”.

- Майлаш,- мегӯям нимғурма ва боз чашмонамро мепӯшам. Бо мақсаде, ки шояд давоми хоб монда бошад. Аммо не, дигар хоб надидам. Шояд вақти таъбири хоб фаро расидааст.

Фазлиддин АСОЗОДА

ТАЪБИР: ДИГАР ТУХМРО ФАҚАТ ДАР ХОБ МЕБИНЕД!

Субҳ аз хоб бархостаму дасту рӯямро шуста, сари дастархон нишастам ва хамёзакунон ба занак гуфтам:

Занак! Ман дирӯз гуфтугӯи Мокиёну Хурӯси ҳамсояро шунидам.

- Ваҳ-ваҳ, қурбони мардаки забондонам шавам,- гуфт занак.- 30 сол боз шумо забони маро намефаҳмеду забони Мокиёну Хурӯсро чӣ хел фаҳмидед!?

- Шӯхӣ накун,- гуфтам қошу қавоқамро гиронда.

Ӯ дид, ки ман қаҳр мекунам, шӯхиро бас карда, гуфт:

- Хайр, мардакҷон, канӣ гап занед, мурғи ҳамсоя ба Хурӯс чӣ гуфт?

Бо шеър ҷавоб додам:

Субҳдам бо хурӯс мурғе гуфт:
“Ҳар кӣ тухми маро хӯрад,
мард аст”.

Ман мардакам ку. Канӣ як тухм биёр!

Гуфт:

- Имрӯз дар субҳонаатон тухм нест.

- Чаро нест? Чаро тухм напухтӣ?,- пурсидам аз ӯ.

Гуфт:


- Хурӯс қаҳр кардааст, Мокиён дигар тухм намекунад.

Аз ҷавобаш чизе нафаҳмида, ҳайрон ба сӯяш бо назари тааҷҷуб нигаристам. Ӯ ҳам дигар чизе нагуфта, газетаи “Тоҷикистон”-ро наздам монда, саҳифаеро кушоду матлаберо нишон дод, ки чунин ном дошт: “Нози Мокиён ва қаҳри Хурӯс. Дар миёна тухм ҳайрон аст”.

Дигар хӯрдани субҳонаро низ фаромӯш карда, ба хондани матлаб оғоз намудам ва дарёфтам, ки Фазлиддин Асозодаро боз чинҳо лагад задаанду хобҳои даҳшатнок дидааст. Албатта, дар ин шабу саҳар, ки нархи тухм якбора гарон шуд, дидани чунин хобҳо фоли нек аст. Чунки агар вазъ чунин идома ёбад, оянда тухмро фақат дар хоб мебинем. Дар хоб дидани тухм, харидани он ва хӯрданаш фоида дораду зиён не. Зеро, агар ин кор дар бедорӣ сурат гирад, шумо харочот мекунед, дар хоб донаи тухмро 10 сомонӣ ҳам харидорӣ кунед, пули кисаатон кам намешавад.

Худи ҳамон рӯз нисфирӯзӣ бо устоди яке аз донишгоҳҳо якҷоя барои хӯрдани оши 1 ба 1 ба тарабхона рафтем. Ҷое, ки мо мерафтем, ба ғайр аз гӯшт дар болои ош боз дудонагӣ тухми хурд ҳам мемонданд. Пешхизмат омад. Устод ба ӯ гуфт:

- Оши маро имрӯз бе тухм биёр!



Вақте сабаб пурсидам, маълум шуд, ки бар болои гароншавии нархи тухм, маоши он устоди бечораро дар донишгоҳ 30 фоиз кам кардаанд. Акнун ӯ алами маошро аз тухм мегирифт. Оши бетухм 8 сомонӣ арзонтар будааст. Зеро, вақте тухми 2-сомонӣ дар об мечӯшидааст, арзиши он ду баробар боло мерафтааст. Устод бо ин роҳ минбаъд ҳар рӯз 7 сомонӣ сарфа мекунад, ки дар як моҳ бештар аз 200 сомонӣ мешавад.

(Давомаш дар саҳ.9)

ШАҲРИ БОХТАР – НИГИНЕ ДАР



Сиҷоуддин Саломзода, раиси шаҳри Бохтар



Мирзозода Нурулло, муовини аввали раиси шаҳри Бохтар



Шаъмигул Шарифзода, мудири шуъбаи маориф



Давлатзода Наҷмиддин, роҳбари дастгоҳи раиси шаҳр

Ба хотири истиқболи шоиста аз 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар бунёду баистифодадиҳии зиёда аз 270 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст. Танҳо дар даҳ моҳи соли 2021-ум 13 иншоот сохта, мавриди истифода қарор дода шудааст.

ИҶРОИ НАҚШАИ БУҶЕТ

Нақшаи қисми даромади буҷет аз рӯи контингенти умумӣ 101 фоиз, нақшаи воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ 100 дарсад, қисми даромади буҷети маҳаллӣ низ 100 фоиз таъмин шуда, нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 103 дарсад ва нақшаи андози иҷтимоӣ 103 фоиз таъмин гардидааст.

АМАЛИШАВИИ ЛОИҲАҲОИ БУЗУРГ

Дар «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Бохтар барои солҳои 2021-2025» амалигардии 86 лоиҳа дар ҳаҷми умумии 1 миллиарду 445 миллиону 600 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, то 1-уми октябри соли 2022-юм 28 лоиҳа бо харҷи 272 миллион сомонӣ пурра амалӣ гардидааст. Феълан 41 лоиҳа ба маблағи 515 миллиону 500 сомонӣ мавриди амал қарор дорад, ки харҷи умумии корҳои иҷрошуда беш аз 788 миллион сомонӣ ё худ 54,4 дарсади барномаро дар бар мегирад.

Дар шаҳри Бохтар 12 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 101 миллиону 400 ҳазор доллари амрикоӣ таҳти амал қарор дорад. То имрӯз 18 миллиону 400 ҳазор доллар аз худ карда шудааст, ки беш аз 26 дарсадро ташкил мекунад.

ДАСТГИРИИ БЕШТАРИ СОҲИБКОРОН

Ба хотири дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна аз ҷониби бонк ва ташкилотҳои қарзии ҳудуди шаҳри Бохтар то 1-уми сентябри соли 2022 ба соҳибкорон 232 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки ин нисбати ҳамин давраи соли гузашта 25 миллиону 100 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

ФАЪОЛСОЗИИ ШАШ КОРХОНА ДАР ДАҲ МОҲ

Дар даҳ моҳи соли 2022 маҷмуи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 263 миллион сомониро ташкил додааст, ки афзоиш ба 131 дарсад баробар гардидааст. Аз ин ҳиссаи корхонаҳои истеҳсолӣ 157 миллиону 500 ҳазор сомонӣ (60 дарсад) ва сектори хусусӣ 105 миллиону 500 ҳазор сомонӣ (40 дарсад) мебошад.

Аз 57 корхона ва коргоҳи саноатӣ 47 ададаш нисбатан фаъолияти хуб намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро назар ба ҳамин давраи соли гузашта 62 миллиону 100 ҳазор сомонӣ зиёд намудаанд.

Дар даҳ моҳ дар шаҳри Бохтар шаш коргоҳи истеҳсолӣ, аз ҷумла ҶДММ "Халили Иброҳим" ҶДММ "Баракати истиқлоли диёр", ҶДММ "Деҳаи ман", ҶДММ "Ёсинҷони Бохтар", ҶДММ "Аскарҷони Бохтар" ва ҶДММ "Умедҷони Неъмат" таъсис дода шудааст, ки беш аз 40 ҷойи корӣ нав барои сокинон фароҳам гардид.

Ҳамчунин, дар ин давра зимни сафари навбатии корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳудуди ҶДММ "Бохтар шифер" коргоҳи истеҳсоли қубурҳои азбистӣ ва дар назди ҶДММ "Деҳаи ман" коргоҳи шустушӯй ва бандубасти маҳсулоти кишоварзӣ мавриди ифтитоҳ қарор гирифт, ки боз 50 ҷойи корӣ нав муҳайё гардид.

ИҶРОИШИ НАҚША БЕШ АЗ 96 ДАРСАД

Дар 10 моҳи соли 2022 ба аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳо беш аз 151 миллион кВт/соат қувваи барқ дода шуд, ки маблағаш 48 миллиону 300 ҳазор сомонӣ мебошад. Ин нисбати ҳамин давраи соли 2021 ба миқдори 12,7 миллион кВт/соат зиёд мебошад. Ҷамъоварии ҳақи истифодаи қувваи барқ 41 миллиону 300 ҳазор сомониро ташкил дод, ки 85,5 дарсад ва аз ҳисоби аҳолӣ бошад, нақша беш аз 96 дарсад иҷро шудааст.

АФЗОИШИ ГАРДИШИ МОЛ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

Гардиши чаканаи мол якҷо бо бахши хусусӣ 2485,6 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба 10 моҳи соли 2021 ба маблағи 674,1 млн сомонӣ зиёд буда, афзоиш 137,2 фоизро дар бар мегирад.

Инчунин, 207 миллиону 800 ҳазор сомонӣ хизматҳои гуногуни пулакӣ ба аҳолӣ расонида шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2021-ум 10 миллиону 800 ҳазор сомонӣ зиёд буда, беш аз 105 дарсадро ташкил медиҳад.

СОХТМОНИ БЕШ АЗ 200 ИНШООТ ДАР 5 СОЛ

Дар доираи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди 71 бинои баландошёнаи истиқоматӣ, 51 маркази савдо, 18 корхона ва коргоҳҳои саноатӣ, 9 бинои маъмурӣ, 5 боғу гулгашт, толорҳои варзишӣ, сохтмони биноҳои иловагии муассисаҳои таълимӣ, бинои иловагӣ ва хобгоҳи коллеҷҳои тиббӣ, сохтмони наздики 50 истгоҳи ҷамъиятӣ, таъмиру азнавсозии роҳҳои мошингард, беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ва дигар корҳои ободониву бунёдкорӣ дар назар дошта шудааст.

Дар давраи сипаригаштаи соли ҷорӣ 13 иншоот бо харҷи беш аз 57 миллион сомонӣ бо таъсиси 86 ҷойи корӣ сохта ба истифода дода шуд. Нақшаи чорабиниҳои корҳои ободонию бунёдкорӣ ба хотири 35-солагии Истиқлоли давлатии кишвар иборат аз 270 банд ва таъсиси 1 ҳазору 500 ҷойи нави корӣ дар назар аст.

Нақшаи ободонӣ ба хотири 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар беш аз 106 дарсад таъмин карда шуда буд. Ба ҷойи сохтмони 307 иншооти ба нақша гирифташуда 328 иншооти таъиноти гуногун бо харҷи 485 миллион сомонӣ сохта шуд, ки 1 ҳазору 352 ҷойи кори нав ташкил гардид.

НАСБИ ЧАРОҒАКҲОИ РАҚАМӢ

Дар шаҳри Бохтар беш аз 133 км роҳи автомобилгард мавҷуд аст. Аз аввали сол то имрӯз кормандони Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳо ба дарозии 44,58 км хатҳои уфуқӣ ва ба масоҳати 2 ҳазору 598 метри мураббаъ пиёдагузарҳоро рангубор намуда, 1 ҳазору 577 метри мураббаъ роҳро таъмири ҷорӣ намуданд. Ҳамчунин, ҷиҳати таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ 11 ҷуфт чароғаки роҳнамои фарсуда ба чароғакҳои муосири рақамӣ иваз карда шуда, 113 аломати роҳ насб гардид.

Феълан дар дохили шаҳри Бохтар 7 ширкати нақлиётӣ фаъолият намуда, дар 63 хатсайр ба мусофирон хизмат мерасонанд.

АФЗОИШИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Дар доираи амалигардонии яке аз ҳадафҳои асосии мамлакат - амнияти озуқаворӣ, ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳри Бохтар зиёда аз 104 миллион сомониро ташкил кард, ки афзоиш 101 фоиз таъмин гардидааст.

Тибқи дурнамо барои кишти такрории зироати кишоварзӣ дар ҳама бахшҳои хоҷагидории шаҳр 678 гектар замин пешбинӣ гардидааст, ки аз он ғалладонагиҳо 485 га, картошка 63 гектар, сабзавот 147 гектар, зироати хӯроки чорво 1 гектарро дар бар мегирад.

Содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷи кишвар мувофиқи нақша рафта истодааст. То имрӯз зиёда аз 2 ҳазору 51 тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷи кишвар содирот шудааст, ки наздики 66 дарсади нақшаро ташкил мекунад. Аз ҷумла, дар ин давра зиёда аз 62 тонна писта, 88,5 тонна донаи офтобпараст, наздики 538 тонна чормағзи заминӣ, 1 ҳазору 209 тонна меваи хушк ва 153 тонна ангур содирот карда шудааст.

БЕШТАР КАРДАНИ ГУЛУ ДАРАХТ

Шуъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Бохтар мувофиқи нақшаи тасдиқгардида амал намуда, дар даҳ моҳ 11 санҷиш гузаронидааст. Баъди гузаронидани санҷишҳо 55 санади назоратӣ тартиб дода ва барои бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида ба субъектҳои хоҷагидор 99 пешниҳод ирсол намудааст.

Ҳамчунин, дар натиҷаи гузаронидани рейдҳои муштараки фаврӣ нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ 71 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 13 ҳазору 688 сомонӣ тартиб дода шудааст.

Ҷамъоварии пардохт барои партовҳо ба муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ 233 ҳазору 426 ҳазор сомониро ташкил намуда, 107 фоизи нақшаи пешбинигардидаро дар бар мегирад.

Дар мавсими корҳои ободонӣ ва кабудизоркунӣ зиёда аз 20 ҳазору 180 бех дарахтони ороишию ҳамешасабз ва беш аз 1 миллиону 900 ҳазор гулу гулбуттаҳо шинонида шудааст.

ВИЛОЯТИ ХАТЛОН





ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКИИ БОСИФАТ

Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳр дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ба ташкилоту муассисаҳо ва аҳолии шаҳр 4 ҳазору 885 ҳазор метри мукааб оби нӯшокӣ додааст. Ҷамъоварии ҳақи хизмати обрасонӣ 94 миллиону 200 ҳазор сомонӣ, ё 84 дарсадро ташкил мекунад.

Дар даҳ моҳ 4 ҳазору 300 метр қубурҳои гуногунҳаҷм ва 98 чоҳ тоза ва бо сарпӯшҳои нав таъмин карда шудаанд. Аз ҷониби шаҳрвандон ба идораи мавриди назар 696 дархост оид ба бартараф намудани садамаҳои қубури оби нӯшокӣ ва корез ворид гардидааст, ки сари вақт ва пурра дархости онҳо ичро шудааст.

Кормандони Корхонаи фаръии хоҷагии коммуналии шаҳр дар 10 моҳи соли ҷорӣ аз ҳудуди шаҳр ба миқдори беш аз 73 ҳазор метри мукааб партовҳоро баровардаанд ва ҳамарӯза роҳу роҳравҳоро тоза намуда истодаанд.

Пардохти ҳақи хизматрасонии коммуналӣ 5 миллион сомониро ташкил мекунад, ки аз ин 2 миллион сомониаш аз ҳисоби буҷет мебошад. Дар даҳ моҳ ин маблағ пурра пардохт карда шудааст.

Дар корхонаи мазкур лоиҳаи инвеститсионӣ оид ба “Идоракунии партовҳои сахти маишӣ” таҳти амал қарор дошта, маблағи умумии лоиҳа 4 миллиону 900 ҳазор доллари амрикоиро ташкил мекунад. Азхудкунии маблағҳо то имрӯз 4 миллиону 600 ҳазор доллари амрикоӣ ё ин ки 94 фоизро ташкил медиҳад.

ЯРМАРКА ВА ҶОЙҲОИ КОРӢ

Ба шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ 860 сокини бекор мурочиат намудаанд, ки аз ин 703 нафар ҳамчун бекор ба қайд гирифта шуда, 406 нафарашон бо ҷойи корӣ таъмин карда шудаанд.

Дар асоси нақшаи пешбинишуда дар даҳ моҳ дар шаҳри Бохтар 14 маротиба ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шудааст, ки дар натиҷа 340 нафар корҷӯён барои худ ҷойи кории муносиб пайдо намудаанд.

Ҳамчунин, 152 нафар сокинони аз хизмати ҳарбӣ баргашта ва аз маҳбас озодшуда бо кумаки яквақтаи пулӣ таъмин шудаанд.

Феълан музди миёнаи меҳнаткашони шаҳр 1709 сомониро ташкил мекунад, ки нисбати ҳамин давраи соли 2021-ум 254 сомонӣ зиёд гардидааст.

ТАЪМИНИ САРИВАҚТИИ НАФАҚА

Дар Раёсати Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳри Бохтар 9 ҳазору 112 нафақагирон ба қайд гирифта шудаанд, ки дар даҳ моҳ талаботи нафақаи онҳо беш аз 29 миллион сомониро ташкил кард. Бояд гуфт, ки талаботи нафақа нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1 миллиону 400 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

БЕҲТАР КАРДАНИ ШАРОИТИ ТАЪЛИМ

Баҳри рушди соҳаи маориф ва илм дар ҳудуди шаҳр 24 муассисаи таълимӣ фаъолият дорад, ки аз он 4 литсей, 2 гимназия (1 адад хусусӣ) ва 1 мактаби инноватсионӣ, 15 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин 21 муассисаи таҳсилоти томактабӣ (3 адад хусусӣ) фаъолият менамоянд.

Дар муассисаҳои таълимии мактабӣ ва томактабии шаҳр 1 ҳазору 303 нафар омӯзгор ва мураббия фаъолият доранд, ки аз ин шумора 996 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.

Дар соли таҳсили 2022-2023 шумораи хонандагони муассисаҳои таълимии мактабӣ 28 ҳазору 359 нафар ва томактабӣ 3 ҳазору 80 кӯдакро дар бар мегирад.

Дар соли таҳсили 2021-2022 бо мақсади дарёфт ва рушд 320 нафар хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок карда, дар маҷмуъ сазовори 231 медал, аз ҷумла 1 медали алмос, 31 медали тилло, 37 медали нуқра ва 162 медали биринҷӣ гардиданд.

ТАЪМИНИ БОСИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББӢ

Дар шаҳри Бохтар ба хотири сиҳатии сокинон сохтори госпиталӣ, маркази ёрии таъҷилӣ ва муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, шаш муассисаи тиббии шаҳрӣ ва 22 муассисаи тиббии вилоятӣ, 17 ҳуҷраи давлатию хусусии дандонпизишкӣ, 10 ҳуҷраи ташхисии ултрасадо ва 110 дорухона фаъолият мекунанд. Сифати хизматрасонии тандурустӣ ба сокинон назар ба солҳои қаблӣ ба маротиб баланд карда шудааст.

КИТОБХОНАҲОИ ПУР АЗ КИТОБ

Дар шаҳри Бохтар 39 муассисаи фарҳангӣ (4 адад вилоятӣ), аз ҷумла 12 гулгашт, 8 майдони таърихиву фароғатӣ, китобхонаи марказӣ бо 7 филиал, кохи фарҳанг ва маркази иттилоотӣ, клуб, театри халқӣ, ду боғи фарҳангӣ, мактаби бачагонаи санъат, осорхона, студияи сабти овоз, лабораторияи композиторони ҷавон ва ансамбли рақсии «Ситора» фаъолият доранд.

Ба хотири таъмини сокинон бо китоб айни замон дар китобхонаи марказӣ ва бахшҳои он зиёда аз 53 ҳазору 350 нусха китоби гуногун маҳфуз мебошад.

181 МЕДАЛИ ВАРЗИШГАРОН

Варзишгарони шаҳри Бохтар дар даҳ моҳи соли равон дар 41 мусобиқаи ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок намуда, дар умум 181 медал ба даст овардаанд. Варзишгарон аз иштирок дар мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ 71 медали тилло, 59 нуқра ва 51 медали биринҷиро соҳиб шудаанд.

Ҳоло дар шаҳри Бохтар ба хотири рушди бештари варзиш 3 варзишгоҳ, як мактаби варзишӣ, 32 толори варзишӣ, 95 майдончаи варзишӣ, аз ҷумла 18 майдончаи футболи хурд ва 2 майдони теннис мавҷуд аст. Давоми сол барои зиёд кардани шавқи ҷавонону наврасон ба варзиш ва солимии онҳо 217 мусобиқаи гуногуни варзишӣ ва машқҳои пагоҳирӯзӣ гузаронида шудааст.

АРЗИ СОКИНОН ШУНИДА МЕШАВАД

Дар даҳ моҳи соли 2022 ба Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар 1 ҳазору 407 мурочиати хаттии шаҳрвандон ворид шудааст.

Ҳамчунин, дар ин муддат 37 маротиба қабули шаҳрвандон гузаронида шудааст, ки 180 сокин ба раиси шаҳри Бохтар, 68 нафар ба муовини аввал, 112 нафар ба муовинони раиси шаҳр ва 38 нафар ба роҳбари дастгоҳи раиси шаҳр ба таври шифоҳӣ мурочиат намудаанд.

ТАЪМИНИ ШАРОИТИ ИСТИРОҲАТ БАРОИ СОКИНОН

Шаҳри Бохтар - маркази маъмурии вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон рушд карда, ба макони обод ва шаҳри орзуҳо табдил гардидааст. Дар шаҳр гулгашту боғҳои фарҳангию фароғатӣ, биноҳои баландошёна ва корхонаҳои гуногуни истеҳсолӣ сохта шудааст, ки ба рушди бештар дар оянда мусоидат мекунанд.

Машраби АЛОВИДДИН

ТАЪБИР: ДИГАР ТУХМРО ФАҚАТ ДАР ХОБ МЕБИНЕД!

(Аввалаш дар саҳ.7)

Ана дидед, гароншавии нархи тухм ҳатто дар бедорӣ ҳам ба манфиати ҷайби мост. Дигар тухм намехӯрем, тамом.

Лекин, оғои Фазлиддин, аз хоби шумову аз қаҳри Хурӯс ва нози Мокиён ман як “секрет”-и навро кушодам. Сабаби қаҳри Хурӯс нози Мокиён нест. Хурӯс аз рашк қаҳр карда истодааст ва ҳақ ҳам дорад. Зеро мурғбонҳои тоҷик корҳое карда истодаанд, ки дигар мурғҳо бе ҳамхобагӣ бо Хурӯс ҳам тухм карда истодаанд. Нози Мокиён ҳам аз ҳамин ҳисоб аст, ки мегӯяд:

- Дигар мо ба шумо эҳтиёҷ надорем!

Он мурғи дар хоб дидаи шумо мурғи солҳои қадим будааст, ки ба Хурӯс “балот задаст, ки субҳи саҳар маро аз хоб бедор кунӣ, то аз пайи пушт пур кардан шавам?!” гуфта, шикоят кардааст. Мурғҳои муосири мо бе Хурӯс ҳам тухм мекунанд. Мисли бордоркунии сунъӣ.

Барои ҳамин ҳам, худро бо дидани ҳар гуна хобҳо безобита накунед. Дигар, ба гуфти раҳматии Аловиддин Абдуллоев, ҳамаи хурӯсҳо “ҷентелмен” шаванд ҳам, мурғҳо парвое надоранд.

Қаҳри Хурӯс ва нози Мокиён аз он аст, ки кишоварзҳо дигар пушти онҳоро бо дору пур карда истодаанд ва яке аз таъбирҳои хоби шумо ва сабаби гароншавии нархи тухм ҳам дар ҳамин аст. Тухм арзон буд, барои он, ки хурусҳо мокиёнҳоро бепул бағал ва пушташонро пур мекарданд. Ҳозир бошад, мурғбонҳо аз аптека доруҳои гаронро харида медиҳанду аз мокиёнҳо тухм ва аз тухмҳо мокиёну хурӯс мегиранд. Пас чаро нархи тухм ба нархи мурғ баробар нашавад?

Барои ҳамин, таъбирҳо чунинанд:

Якум. Чи тавре, ки дар бало гуфтам, дигар шумо тухмро фақат дар хобатон мебинед.

Дуюм. Хурӯсҳо ҳам бағал кардани мокиёнҳоро дар хобашон мебинанд. Мурғбонҳо аз ин сӯйистифода карда, беинсофтар мешаванду доруро бештар дода, тухмҳоро гаронтар ба фурӯш мебароранд. Савдогарон аз онҳо гаронтар харида, боз ҳам гаронтар ба ману шумо мефурӯшанд. Ъне нарх боз ҳам болотар меравад.

Сеюм. Оҳиста-оҳиста Хурӯс аз ҷомеаи мокиёнҳо қаҳр карда меравад ва мо фақат тухмҳои инкубатириро мебинем. Онро ҳам аҳён-аҳён.

Чорум. Шуморо на садои хурӯс, балки овози нофорами занги соат бедор кард. Ин маънои онро дорад, ки минбаъд ба ҷои садои хушоянди Хурӯс дар деҳаҳо субҳи барвақт қар-қари зоғро мешунавем.

Ъу-ъу-ъу-ъу! Ъу-ъу-ъу-ъу... Аз хоб бедор шавед, устод Фазлиддин!

Таъбиргӯ:
Холиқназар ҶУМЪАЕВ

ПАС АЗ 18 СОЛИ ИНТИЗОРӢ

кайҳоннаварди Солиҷон Шарипов парчами Тоҷикистонро ба осорхона ҳадя кард

Аввалин Парчами Тоҷикистон, ки ба муддати 193 рӯз ё тақрибан тӯли 7 моҳ дар кайҳон қарор дошт, аз ҷониби кайҳоннаварди Солиҷон Шарипов ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон тақдим гардид…



ОРЗУИ ДЕРИНАИ КАЙҲОННАВАРД

Бояд зикр намуд, ки 24-уми октябри соли 2004 тоҷикписар - кайҳоннаварди Русия Солиҷон Шарипов дар ҳайати экспедитсияи X Истгоҳи байналмилалии кайҳонӣ ба кайҳон парвоз намуда, бо худ Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бурд, ки то 24-уми апрели соли 2005, яъне 193 рӯз дар кайҳон қарор дошт. Номбурда баъди анҷоми парвоз солҳо ният дошт, ки он парчамро ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳадя кунад. Инак, бо гузашти 18 сол орзуи ӯ амалӣ шуд.

Солиҷон Шарипов ҳафтаи равон барои ширкат дар маросими ифтитоҳи нимпайкараи Юрий Гагарин дар яке аз мактабҳои муштараки Русияву Тоҷикистон, ки номи нахустин кайҳоннавардро дорад, ба Душанбе ташриф овард.

Зимни ин сафар, ҳамчунин, маросими тақдими Парчами Тоҷикистон ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон баргузор гардид. Ин маросим ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия рост омад. Дар чорабинӣ муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён, Сафири Фавқулодда ва Мухтори Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Семён Григорев, кайҳоннавард Солиҷон Шарипов, намояндагони аҳли зиё ва ВАО иштирок намуданд.

ОРЗУ ДОШТАН МУҲИМ АСТ!

Пас аз маросими тақдими Парчам ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон кайҳоннавард Солиҷон Шарипов бо хабарнигорон суҳбати кӯтоҳе анҷом дод.

- Феълан, шумо ба чӣ корҳо машғулед?

- Дар маркази омодасозии кайҳоннавардон кор мекунам. Дар омода кардани кайҳоннавардони оянда саҳм мегузорем.

- Лутфан бигӯед, ки идеяи бардоштани парчами Тоҷикистон ба истгоҳи байналмилалии кайҳонӣ аз куҷо пайдо шуд?

- Бобоям зодаи шаҳри Ӯротеппаи Тоҷикистон буданд. Дар шарёни ман хуни тоҷикӣ ҷорист. Хуни русиву уйғурӣ низ дорам. Лекин қисми зиёди ҳаётам марбути Тоҷикистон аст. Ҳамроҳи бобоям зиёд ба Ӯротеппа, ки ҳоло Истравашан ном дорад, равуо доштем. Соли 2004-ум вақте ба кайҳон парвоз кардам, ба эҳтироми бобоям парчами Тоҷикистонро бо худ гирифтам. Онро ба ман яке аз дӯстонам тақдим карда буд. Ба мо бо худ гирифтани ҳамагӣ як кило бор иҷозат буд.



- Эҳсосоти шумо вақте якум бор ба кайҳон баромадед, чӣ гуна буд?

- Бо сухан тасвир карданаш қариб ғайриимкон аст. Ба ҳадди тасвири маззаи клубника ба нафаре, ки ҳеҷ гоҳ онро нахӯрдааст, мушкил мебошад. Аммо ман орзу доштам ва сӯяш бо меҳнати зиёд, интизоми сангин, бо убури монеаҳо ҳаракат намудам. Ҳанӯз дар солҳои мактабхонӣ зиёд дар бораи таърихи бузургу ҷолиби Осиёи Марказӣ мехондам. Қаблан олимони зиёде дар ин минтақа зиндагӣ кардаанд. Фикр мекардам, ки чаро миёни кайҳоннавардон ҳеҷ зодаи Осиёи Марказӣ нест? Он гоҳ қарор кардам, ки худам нахустин хоҳам шуд.

Ин хушбахтии бузург аст, вақте худро одам муфид эҳсос мекунад, вақте ҳазорҳо нафар ба ту эътимод доранд, натиҷаи корашонро ба ту бовар мекунанд, ин арзиши зиёд дорад.

Дар мавриди кайҳон метавонам ҳаминро бигӯям, ки агар ҳамагӣ як бор ҳам парвоз мекардаму Заминро ҳамагӣ як давр давоми 90 дақиқа мезадам, арзиши даҳсолаҳо омодагиро медошт.

- Ба насли ҷавони Тоҷикистон чӣ маслиҳатҳо медиҳед?

- Ҳамеша бояд дар роҳи таҳсил талош кард. Аз ҳама асос дониш аст. Тавре Ленин гуфтааст, "хонед, хонед ва боз ҳам хонед". Маҳз ҳаминро ба насли ҷавон мехоҳам - худро ба касби ояндаашон омода созанд.

Ва инчунин муҳим аст, ки инсон орзу дошта бошад. Агар чунин набошад, ҳадафе барои талош, меҳнат ва пешрафт нахоҳад буд, дар пеш роҳе нест...

НАХУСТИН ТОҶИК ДАР КАЙҲОН

Шарипов Солиҷон Шокирович - кайҳоннавард, 24-уми августи соли 1964 дар Узген таваллуд шудааст. Хонаводаи онҳо аз Истаравшан кӯчида, ба Узген омада буданд. Омӯзишгоҳи олии ҳарбии ҳавонавардии шаҳри Харковро хатм кардааст. Соли 1998 аввалин маротиба дар киштии кайҳонии амрикоии «Шаттл» ба кайҳон парвоз кард. Парвози нахустинаш кӯтоҳмуддат буд ва он ҳамагӣ 10 шабонарӯз давом кард.

Парвози дуюми Солиҷон Шарипов соли 2004 сурат гирифт ва он зиёда аз ним сол давом кард. Барнома хеле мураккаб буд. Онҳо ду маротиба ба кайҳони озод баромаданд. Бар дӯши эшон воқеаҳои ғайричашмдошт афтоданд. Вале ҳамаи онро бартараф карда, барномаи бар дӯшашон бударо иҷро намуданд. Ҳар баромади онҳо ба кайҳони озод ба ҷойи 6 соати дар нақша буда 22-24 соат давом кард.

Парвози умумии Солиҷон Шарипов дар ҳавопаймоҳо қариб 950 соатро ташкил медиҳад, кайҳоннаварди 72-юми Русия, кайҳоннаварди 88-уми ҷаҳон, полковники қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоии Федератсияи Русия мебошад.

Ҳоло Солиҷон Шарипов дар Маркази илмӣ-тадқиқотии ба номи Юрий Гагарин ба тарбияи кайҳоннавардони ҷавон машғул аст.

Ӯ оиладор аст, ҳамсараш Насиба иқтисодчӣ мебошад ва дар шаҳраки кайҳоннавардон фаъолият дорад. Онҳо ду фарзанд доранд. Духтараш Нигора ва писараш Ҷаҳонгир соҳиби маълумоти олӣ шудаанд.

Ӯ ба мукофотҳои гуногун, аз ҷумла Медали NASA «Барои парвоз ба кайҳон», мукофоти «Кыргыз Республикасынын батыры» ва нишони махсуси «Ак-Шумкар», Қаҳрамони Қирғизистон, ордени «Амир Темур» ва «Барои хизмати шоён» (Ӯзбекистон), Қаҳрамони Русия сазовор гаштааст.

Мутаассифона, Тоҷикистон то ба ҳол кайҳоннаварди нахустини тоҷиктаборро қадршиносӣ накардааст. Месазад, ки аз ин ба баъд дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон гӯшаи "Кайҳоннавард Солиҷон Шарипов" доим амал кунад...

Н. ОДИЛ



ДАРГУЗАШТИ МУТРИБИ МАШҲУРИ ТОҶИК РАУФ САНГИНОВ

Скрипканавоз, ғижжакнавоз ва веллионченисти шинохтаи тоҷик, Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи ордени "Шараф" дараҷаи 2, Корманди шоистаи Тоҷикистон, профессор Рауф Сангинов рӯзи 30-юми ноябри соли 2022 дар синни 85 аз олам чашм пӯшид.

Рауф Сангинов соли 1937 дар оилаи санъаткор ба дунё омадааст. Соли 1960 ба Консерваторияи давлатии ба номи П. И. Чайковскии шаҳри Маскав шомил шуд ва соли 1967 ин муътабартарин мактаби олии мусиқӣ дар Шӯравии собиқро бо ихтисоси навозандаи скрипка хатм кард. Аввал мехост дар шаҳрҳои бузург маҳорати худро сайқал диҳад, аммо вақте дид, ки ватанаш Тоҷикистон ва санъати миллӣ ба ғижжакнавоз ниёз дорад, ба Ватан баргашт. Солҳо барои санъати тоҷик хизмат карда, 120 шогирд ба воя расонид.

Марҳум то вопасин рӯзҳои умр дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов кор мекард.

МАНСАБИ БАЛАНДИ ЗОДАИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУСИЯ



Зодаи шаҳри Душанбе Максим Увайдов статс-секретар - муовини вазири кишоварзии Русия таъйин шудааст. Қарори таъйини Максим Увайдов ба ин мақомро сарвазири Русия Михаил Мишустин имзо кард.

Увайдов то кунун дар мақоми муовини оддии вазири кишоварзии Русия кор мекард. Мақоми статс-секретар як мақоми ихтисосӣ ба шумор рафта, дар сохтори вазорат аз ӯ баландтар танҳо худи вазир ва муовини аввали ӯ меистанд.

Максим Иосифович Увайдов 17-уми июни соли 1977 дар Душанбе, пойтахти Тоҷикистон ба дунё омада, Донишгоҳи давлатии Кубанро хатм кардааст.

ФОРУМИ ТИҶОРАТИИ ТОҶИКИСТОНУ ОЛМОН

Аз ҳамкорӣ то кушодани суратҳисобҳои муросилотӣ

Рӯзҳои 21-25-уми ноябри соли равон ҳайати расмӣ ва бахши хусусии кишвар таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид дар "Форуми тиҷоратии Тоҷикистону Олмон", ки дар шаҳрҳои Берлин ва Гамбург баргузор гардид, иштирок намуданд.



Қобили қайд аст, ки чиҳати роҳандозии ҳамкорӣ ва дарёфти имконияти кушодани суратҳисобҳои муросилотӣ роҳбарони 7 бонки кишвар низ дар чорабинии мазкур ширкат варзиданд.

Ҳамин тариқ, санаи 21-уми ноябри соли 2022 дар шаҳри Берлин раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва роҳбарони бонкҳои БДА ҶТ "Амонатбонк", ҶСК "Бонки Эсхата", ҶСП "Спитамен Бонк", ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон", ҶСП Бонки "Арванд", ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" ва ҶСК "Ориёнбонк" дар мизи мудаввар бо намояндагони Ассотсиатсияи бонкҳои Олмон ва ташкилотҳои молиявии ин кишвар мулоқоти судманд анҷом доданд.

Дар ҷараёни ҷаласаи мазкур ҷонибҳо тавассути рӯнамо оид ба вазъи имрӯзаи низоми бонкии Тоҷикистону Олмон шинос гардида, атрофи масъалаҳои ҳамкориҳои ҷорӣ, имконот ва самтҳои ҳамкориҳои оянда мубодилаи афкор намуданд.

Ҳамзамон, аз ҷониби намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба зарурати ҷалби сармоягузориҳо ва қарзҳои дарозмуҳлат ба иқтисодиёти кишвар, махсусан, ба низоми бонкӣ ва ҳарчи зудтар вусъат додани муносибатҳои муросилотӣ байни бонкҳои тиҷоратии тарафҳо изҳор гардидааст.

Дар раванди сафар ҳайати низоми бонкии кишвар ба ширкати "Bundesdruckerei GmbH", ки ба рақамикунонии сектори давлатӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла чоп намудани пул, шиносномаҳо ва ғайра машғул мебошад, ташриф оварда, бо самтҳои фаъолияти он шинос гардиданд.

Пас аз баргузории Форум, санаи 22-юми ноябр намояндагони низоми бонкии кишвар бо мақсади вусъат бахшидани ҳамкориҳо байни ташкилотҳои қарзии молиявии тарафҳо дар масъалаҳои ҷалби сармоягузорӣ ва қарзҳо, баррасии роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷойдошта як қатор воҳӯриҳо гузарониданд. Аз ҷумла, роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ ҳангоми барпо намудани воҳӯриҳо бо бонкҳои ODDO BHF, CommerzbankAG ва Landesbank Baden-Württemberg оид ба самтҳои фаъолият, мақсад ва вазифаҳои худ сухан ронда, ҷиҳати дар мадди аввал баррасӣ намудани масъалаи ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотӣ бо асъорҳои доллари ИМА ва евро, инчунин пешниҳоди хати қарзӣ, воситаҳои маблағгузории тиҷоратӣ ва бозорҳои пулӣ дархост намуданд.

Дар ҷараёни сафар раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким дар алоҳидагӣ бо роҳбарони бонкҳои "Deutsche Bundesbank" ва "Commerzbank" AG мулоқот анҷом дода, оид ба масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва мушкилиҳои ҷойдошта, инчунин самтҳои вусъат бахшидани ҳамкориҳо ибрози назар намуд.

Дар баробари ин, аз ҷониби раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким ва раиси БДА ҶТ "Амонатбонк" Икромӣ Сироҷиддин бо намояндаи минтақавии Sparkassebank Hamburg ва фонди Sparkasse мулоқот гузаронида шуд. Зимни мулоқот бо фонди Sparkasse масъалаҳои идома додани ҳамкориҳои техникӣ дар шакли ташкили тренинг ва семинарҳо дар БДА ҶТ "Амонатбонк" ва дигар иштирокчиёни низоми бонкӣ, иштироки фонд дар маблағгузории амалигардонии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ва дигар самтҳои эҳтимолии ҳамкориҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Бояд тазаккур дод, ки бо назардошти вазъи имрӯзаи иқтисодии ҷаҳон ва минтақа баргузор намудани "Форуми тиҷоратии Тоҷикистону Олмон" иқдоми саривақтӣ буда, ҷиҳати мустаҳкам намудан ва тақвият бахшидани ҳамкориҳо байни низомҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Олмон заминаи устувор мегузорад.

ҶАЛАСАИ 37-УМИ ПЛЕНАРИИ ГУРУҲИ АВРУОСИЁ

Аз муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда то маблағгузории терроризм

Аз 21 то 25-уми ноябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе 37-умин ҷаласаи пленарии Гуруҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (ГАО) баргузор гардид.





Гуруҳҳои кории ин ниҳод, аз қабили Гуруҳи корӣ оид ба баҳодиҳии тарафайн ва масъалаҳои ҳуқуқӣ, Гуруҳи корӣ оид ба типологияҳо ва муқовимат ба маблағгузории терроризму чиноятқорӣ ва Гуруҳи корӣ оид ба кумаки техникӣ масъалаҳои вобастаи самти худро баррасӣ намуданд. Дар доираи ҷаласаҳои гуруҳҳои корӣ масъалаҳои марбут ба ворид намудани тағйирот ба раванди даври дуюми баҳодиҳии тарафайни ГАО, ҳисоботҳои ҷумҳуриҳои Белорус, Қирғизистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой, механизми мониторинги ҳолати оперативӣ дар кишварҳои аъзои ГАО дар самти хавфҳои мавҷуда ва эҳтимолӣ, мутобиқнамоӣ ва ҷамъоварии тадқиқоти қаблии ГАО, мубодилаи амалия, раванди омӯзиши типологӣ ва таҷрибаи автоматикунонии корҳои таҳлилӣ, ворид намудани тағйирот ба Регламенти баргузории ҷаласаҳои пленарӣ ва ҷаласаҳои гуруҳҳои корӣ, инчунин дигар масъалаҳо мавриди муҳокимаи ҷонибҳо қарор дода шуданд.

Дар ин асно, амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи афв бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шахрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" низ мавриди баррасӣ қарор гирифта, бинобар риояи талаботҳои вогузоршуда ва мониторинги ҳамаҷонибаи ҷамъоварии маблағҳо ва саривақт пешниҳод намудани маълумотҳо дар ин самт, ҷонибдорӣ карда шуд.

Ҳамзамон бо ин, дар ҳафтаи пленарии ГАО рӯзи 23-юми ноябр аввалин Форуми намояндагони парлумони кишварҳои аъзои ГАО баргузор гардида, аз ҷониби Тоҷикистон дар кори Форум Шоҳмурод Рустам - раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният иштирок ва суханронӣ намуд.

Инчунин, дар ин рӯз ҷаласаи 21-уми Шӯрои роҳбарони мақомоти кашшофии молиявии кишварҳо - аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил баргузор гардид.

Рӯзҳои 24 ва 25-уми ноябр ҷаласаи 37-уми пленарии Гуруҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм доир гардид, ки дар он бо сухани ифтитоҳӣ муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонзода Усмоналӣ баромад намуд.

Дар чорабинии мазкур ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ализода Зариф - Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ иштирок ва аз рӯи масъалаҳои рӯзномаи чорабинӣ муҳокимаронӣ намуданд.

Боиси зикр аст, ки ГАО яке аз гуруҳҳои минтақавии намуди Гуруҳи татбиқи чораҳои молиявии зидди пулшӯӣ (ФАТФ), соли 2004 таъсис ёфтааст. Мақсади асосии гуруҳи мазкур мусоидат ба таҳкими низоми миллии муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар кишварҳои аъзо ва минтақа буда, нух давлат - Федератсияи Русия, ҷумҳуриҳои Белорус, Тоҷикистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҳиндустон шомили он мебошанд.

Шуъбаи матбуоти БМТ

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ФУРӮШИ ХОНА

► 2-ҳуҷрагӣ, қабати 2, таъмир дорад, Зарафшон 3, х. 3, ҳ. 3. Тел: 907-29-49-49

БӮСТОНСАРО

► Бӯстонсаро (дача) дар деҳаи Дарёбод, ҷамоати деҳоти Зайнабобод, ноҳия Рӯдакӣ, иборат аз 6 сотих замин. Бинои истиқоматӣ иборат аз таҳхона, пешайвон, ду ҳуҷраи истиқоматӣ, ошхона. Шиносномаи техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ дорад. Нарх шартномавӣ. Тел: 918-73-40-10

МЕХАРЕМ

► Я х д о н у к о н д и т с и о н е р ҳ о, телевизор, қолину мебел. Тел: 987-83-83-25, 905-10-27-31

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ аз 23-юми майи соли 2017 ва шартномаи х/ф таҳти феҳрасти №1ш-467 аз 1-уми апрели соли 2022, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳ. И. Сомонӣ, кӯчаи Пушкин, хонаи 10, ҳ. 112, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ тасдиқ карда шудааст, бо сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Раҳмонов М а ҳ м а д н а ҷ и б Бегиҷонович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, деҳаи Навбаҳор, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи нафақахӯр КС №1946 ба номи Комилов Давлат Қурбонович, ки аз ҷониби Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии ҶТ (Главное управление пограничных войск РТ) дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификат бо ихтисоси дӯзандагӣ №156 ба номи Холова Парвина, ки санаи 13-уми апрели соли 2021 аз ҷониби КВД "Маркази касбомӯзии шаҳри Душанбе" дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Ҷалолов Собирҷон Ҷамолович бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, гузаргоҳи 4, к. Айнӣ, хонаи 1, ҳ. 8, бо сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ 0911789 ба номи Шоев Манучеҳр Саидумарович, соли таҳсил 2020-2021, ки аз ҷониби МТМУ №92-и н. Сино дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 АБ №043523 ба номи Камилов Маҳмуд, соли хатм 1996, ки аз ҷониби МТМУ №38-и н. Сино дода шудааст, эътибор надорад.

► Шаҳодатномаи ҚС №1080 ба номи Ҳусайнов Муҳиддин Рамазонович, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ, Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ба номи Нозимов Беҳзод дар бораи бақайдгирии давлатӣ №368/18, ки санаи 18.04.2018 аз ҷониби КДФ "БММҒ" дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Дипломи гумшудаи №493727 аз санаи 20.07.1987, ки аз ҷониби СПТУ №55 ба номи Лузгина Вера Евгеньевна дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи гумшудаи №301092 аз санаи 20.07.1987, ки аз ҷониби СПТУ №55 ба номи Кистанов Алексей Петрович дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Мардонов Фаридун Саидмуминович, РЯМ: 0130173817, РМА: 046698703, ки соли 2018 аз ҷониби Нозироти андози н. Шоҳмансур дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ЦВ №799735 ба номи Имроншоев Анвар Амоналишоевич, ки санаи 20.06.1992 аз ҷониби Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С. Раҳимов (М. И. Калинин) дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадя аз 16.01.1992, таҳти феҳристи №6д-156 ба номи Оқилов Бекман, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Москва гузари 2, хонаи 12, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ ба номи Нидоев Меҳровар Парвизович, ки соли 2019 аз ҷониби Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш. Душанбе дода шудааст, эътибор надорад.

► Дафтарчаи имтиҳонӣ ба номи Ҳалимов М е ҳ р о ҷ и д и н Маҳмадиевич, ки соли 2021 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Точикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, бо сабаби гум шаданаш эътибор надорад.

► Дипломи №667578, рақами қайд №109 аз таърихи 15.07.1985 ба номи Хучаков Шаъбун Азизбекович, ки аз ҷониби Омӯзишгоҳи касбии техникии №39-и н. Тоҷикобод дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ, рақами қайд №14629 ва шартномаи хариду фурӯши хона таҳти феҳристи №8Ш-6808 ба номи Исмоилов Рустам Абдураҳмонович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Севостополь, х. 16, ҳ. 33, ки санаи 29.12.2007 аз ҷониби нотариуси Идораи давлатии нотариалии н. Сино дода шудааст, бо сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Маҷидова Шакармо Шуришовна, РЯМ: 0130070023, РМА: 046048288, ки аз ҷониби Нозироти андози н. Шоҳмансур дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Власова Татьяна Алексеевна бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Ҳ. Шерозӣ 16/1, ҳ. 47, ки соли 2009 дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ таҳти реестри №2732 ба номи ҶСНК "Меъмор-М" Ҳакимов Маҳамад Сайфович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Фучик 88 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, №333950 ба номи Алиева Гул Исоевна, соли хатм 1975, МТМУ №15-и н. Шаҳринав аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҷураев Умар Эшмухамадович, №0020116, РЯМ: 3330004810, санаи судур 13.02.2013, ки аз ҷониби Нозироти андози н. Ҷ. Балхӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, №0921654 ба номи Сафаров Раҳматулло Сунатуллоевич, соли таҳсил 2018-2019, МТМУ №58-и н. Фирдавсӣ, бо сабаби сӯхтанаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Гозиев Мехрубон Махмадович, РЯМ: 0730214036, РМА: 165145567, ки санаи 22.05.2021 аз ҷониби Нозироти андози шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Шарифов Абдураҳим Зарифович, РЯМ: 0730121471, РМА: 076007274, ки санаи 18.08.2015 аз ҷониби Нозироти андози шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ахмедов Фахриддин Тимурович, РЯМ: 0730175115, РМА: 076287358, ки санаи 13.05.2018 аз ҷониби Нозироти андози шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Сафаров Баҳромҷон Сайҷафарович, РЯМ: 0330004886, РМА: 035057112, санаи судур 17-уми декабри соли 2009, ки аз ҷониби Нозироти андози н. Фирдавсӣ дода шудааст, эътибор надорад.

► Шиносномаи A02394868 ба номи Қодирова Майрам Мирзомуродовна, ки санаи 01.08.2019 аз ҷониби ШВКД-1 н. Сино дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибос ва шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Раҳматуллоев Рустам Мирзоалиевич, РЯМ: 0130175834, РМА: 055344378, ки соли 2019 аз ҷониби Нозироти андози н. Шоҳмансур дода шудааст, бо сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи хариду фурӯши нуқтаи савдо, ки ба номи шаҳрванд Тешабоева Чумагул И с м о и л о в н а, истиқоматкунандаи ш. Турсунзода, кӯчаи Чапаев, хонаи 65/6 дар Идораи нотариалии давлатии ш. Турсунзода санаи 19.05.2010 таҳти феҳристи 5.Д.386 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Васиятнома ба номи шаҳрванд Ахиев Умарбек Н а з р и е в и ч, истиқоматкунандаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, кӯчаи Л. Шералӣ, хонаи 47, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Исмоили Сомонӣ санаи 12.05.2001 таҳти феҳристи 18П.185 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хона ба шаҳрванд Иннал Чилла С у р х а л и ш о е в н а, истиқоматкунандаи ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 30/1, х. 31, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе аз санаи 05.10.2018 таҳти феҳристи 8Ш.3444 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи 10 Н-535 рақами кори меросӣ 156/89, ки санаи 05.10.1989 аз Идораи нотариалии 1 шаҳри Душанбе ба номи Худойдодова Майнагул бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи 3, гузаргоҳи Бинокорон, хонаи 11 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хона таҳти феҳристи 6Д-1924, ки санаи 11.09.2003 аз тарафи Идораи нотариалии н. Фирдавсӣ ва дубликати он таҳти феҳристи 29Б-347 аз 20.12.2012 аз тарафи Бойгонии назди Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Шарипов Ҳоҷиҳариф Холович бо суроғаи ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 102, квартираи 214 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи хариду фурӯши хона ба номи шаҳрванд Гуломов Зоиршох Шамсуллоевич, истиқоматкунандаи ш. Душанбе, кӯчаи Правда 35, х. 66, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ санаи 15.12.1994 таҳти феҳристи 9Д.4-938 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► КВД "Бозори Варзмол", РЯМ: 0710009264, воқеъ дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми то 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Абубакри Хусниддин", РЯМ: 0710011372, воқеъ дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми то 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Тақвими ситорашиносӣ



Ҳамал
21.03 - 20.04

Барои мустаҳкам сохтани обрӯву нуфузатон дар ҷодаи касбу кор рӯзи мусоид аст. Метавонед корҳои қаблан оғозкардаро ба анҷом расонед. Ба кори нав даст заданӣ бошед, хеле эҳтиётқор бошед. Хайрхоҳу саховатманд бошед, ба нафаре, ки аз шумо кумак мепурсад, ҷавоби рад надиҳед.



Савр
21.04 - 21.05

Дар тамоми ҷодаҳои фаъолияти худ аз тағйирот гурезед, вагарна вазъият табъи дили шумо сурат намегирад. Метавонед бо дӯстони пештараи худ робитаро аз нав барқарор намуда, боиси комёбиҳои нав гардед. Бо атрофиён муноқиша накунед, тамоми мушкилоти сарзадаро бо роҳи мусолиҳаомез рафъ намоед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар ин рӯз бо корҳои муҳим ва вохӯриҳо машғул шавед. Агар лаҳзае бекор шавед, ба маъракаву нишасти дӯстон рафта, хотиратонро шод гардонед. Агар дар ҳама кор фаъолнокӣ нишон диҳед, фоидаи бештаре ба даст оварда метавонед.



Саратон
22.06 - 23.07

Бе ягон кӯшишу заҳмат комёбиҳои калонро ноил мегардед. Барои хариди калон ва ободонии хонаву дар рӯзи мусоид аст. Дар ҷодаи муҳаббат навигариҳои гуворо ва шиносоиҳои тақдирсоз имкон доранд. Эҳтимолли шамол хӯрдану гирифтори зуком шуданатон дар назар аст.



Асад
23.07 - 22.08

Дар ин рӯз бо корҳое машғул шуданатон лозим меояд, ки хеле зарур ва ҳатмӣ бошанд. Агар танбалӣ накунед, аз натиҷаи кор шод мегардед. Агар истироҳат кардану вақти худро хуш гузаронидан хоҳед, дар ин рӯз табъи дил дилхушӣ мекунед. Барои хариди калон рӯзи мусоид нест.



Сумбула
23.08 - 22.09

Вақте расидааст, ки каме истироҳат кунед. Агар чунин имкон надошта бошед, танҳо бо корҳои муҳим машғул шуда, уҳдадориҳои зиёдро ба дӯш нагиред. Дар маъракаҳои серодам ширкат варзида, бо нафарони бароятон даркорӣ шинос мешавед.



Мизон
25.09 - 22.10

Имрӯз дар як ҳолати ногувор қарор мегиред. Аз як тараф ҳама коратон барор мегираду аз ҷониби дигар дар муносибатҳои ошиқонаатон душвориҳо сар мезананд. Аз муноқиша дурӣ ҷуста, сабру таҳаммулро пеша намоед. Бо коре машғул шавед, ки баъдан пушаймон нашавед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар ин рӯз бо корҳои аҷиб машғул мешавед. Бо нафароне вомехӯред, ки бароятон хеле азиз ҳастанд. Аз робита бо дӯстон ва ҳолпурсӣ тавассути интернет хотиратон шод мегардад. Барои оғоз кардани табобати бемориҳое, ки чанд муддат азиятатон медиҳанд, рӯзи мусоид аст.



Қавс
25.11 - 21.12

Рӯзи пур аз воқеаву ҳодисаҳои натиҷабахш аст. Дар танҳоӣ бо мушкилиҳо машғул шуданатон лозим нест, имрӯз ҳамфикрон ба кумакатон мешитобанд. Нафароне, ки бахти худро меҷӯянд, баъди нисфирӯзӣ хабари хуш мешунаванд.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Айни замон манманиву калонгапӣ накунед. Аз гапи гуфта пушаймон шудану зери таъсири нафаре монданатон имкон дорад. Бо шахсе, ки дӯсташ медоред, мушкилиҳо имкон дорад, вале дар айни моҷаро баҳс карданро маслиҳат намедиҳем. Бо касе шинос шуданро маслиҳат намедиҳем.



Далв
21.01 - 19.02

Дар ин рӯз ягон воқеаи ногувор рух намедиҳад. Табъатон хушу меҳнату истироҳат кардан мехоҳед. Ягон ҳодисаи ногувор рух намедиҳад. Бештар бо наздикону хешовандон дар робита бошед. Шитобкорӣ бароятон барор меорад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Дар ин рӯз бо фиребу ваъдаҳои бардурӯғ рӯ ба рӯ мегардед. Худро ба даст гирифта, нисбати атрофиён муносибати бад накунед. Эҳсосоти манфии худро ба атрофиён нишон надиҳед. Беҳтараш бо корҳои ҳаррӯза машғул шавед.

СУЛФАИ ХУШК ВА ХАТАРИ ОН



Ангезандаҳои асосии бемориҳои шамолкашии мавсимӣ вирусҳо буда, сабабгори маҳкам шудани роҳҳои нафас ва пайдо шудани сулфа мегарданд. Аз ин рӯ, зукоми мавсимӣ сабаби маъмултарини сулфаи шадид буда, беш аз се ҳафта давом намекунад.

ТАБОБАТИ СУЛФА

Сулфа аксуламал ё нишонаи мубориза бурдани ҷисми солим бо беморӣ аст. Аз ин рӯ, табобати сулфа кори ҳатмист. Фаромӯш набояд кард, ки дар баъзе ҳолатҳо сулфа нишонаи бемориҳои ҷиддӣ ба шумор меравад. Дар сурати фориғболӣ намудан сулфаи сироятӣ метавонад боиси бемор шудани тамоми роҳҳои нафас гардад. Сулфаи шадид (хусусан шабона) баъзан боиси бад шудани ҳолати инсон мегардад. Ниҳоят, сулфаи шадид метавонад ба мушкилоти гуногун, аз ҷумла заифӣ, гум шудани иштиҳо, қайкунӣ, дарди сар, дарди шикам, пешобро дошта натавонистан ва шикастани қабурғаҳо, кафидани мушакҳо, беҳушшавӣ, халалдор гаштани кори дил оварда расонад.

СУЛФАРО ЧӢ ГУНА ПЕШГИРӢ КУНЕМ?

Барои пешгирӣ намудани сулфа ҷисми худро обутоб дода, аз ҷойҳои серодам дурӣ ҷуста, бо намакоб даҳонро чайқонидан лозим аст. Ҳамзамон пӯшидани ниқоб ва шустани дастонро фаромӯш накунед. Аз рӯи нишондоди табиб доруворихои зиддивирусиро истеъмол намуда, ҷараёни табобатро тезонидан мумкин аст. Бо мақсади пешгирӣ аз сулфа ҳамарӯза ҳавои утоқҳои худро тоза карда, бо латтаи тар ҷиҳози хонаро пок ва рубӯчин намоед.



АЗ ОИЛАДОРИАМОН 3 СОЛ МЕГУЗАРАД, ВАЛЕ ФАРЗАНД НАМЕЁБЕМ. ДУХТУРҲО МЕГӮЯНД, КИ ЯГОН ЗАХМУ ИЛЛАТИ ҶИДДӢ НАДОРЕД, ВАЛЕ ТУХМДОНҲОЯМ ИНКИШОФ НАМЕЁБАНД. АЗ ТАБИБИ МАРДУМӢ САДРИДДИНШОҲ НАСРИДДИНШОЕВ ХОҲИШ МЕКУНАМ, КИ ЯГОН РОҲИ ТАБОБАТРО НИШОН ДИҲАНД.



ГУЛБАҲОР,
ноҳияи Рӯдакӣ

- Тухмдонҳо дуто буда, тақрибан баробари донаи бодом мешаванд. Ҳомиладор шудану нашудани ҳар як хонум пеш аз ҳама ба кори онҳо вобастагӣ дорад. Агар фаъолияти тухмдонҳо суст бошад, тухмҳуҷайра дар ҷисми зан пухта намерасад ва тамоми кӯшишҳои мард барои ҳомиладор кардани занаш барабас мераванд. Барои бедор ва фаъол намудани тухмдонҳоятон ман ба шумо чанд давои осонро тавсия медиҳам, вале агар ҷиддӣ табобат гирифтан хоҳед, бояд бо натиҷаи ташхис ташриф биёред, то ба қадри тавонмандии хеш барои амалӣ сохтани орзуятон ба шумо кумак расонем.

ЯКУМ.

Гули ҳамешабаҳор, забони гов ва бӯймодарони маҳинбаргро ба андозаи баробар гирифта, тақрибан 5 қошуқ гиёҳро ба термос андозед. Аз болояш як литр оби ҷӯшида рехта, даҳони зарфро маҳкам кунед ва як ё ду соат нигоҳ доред. Пас аз ин гиёҳобро полонда, рӯзе се маротиба 100-граммӣ бинӯшед. Ин гиёҳобро агар бо асал нӯшед, таъсираш бештар мешавад.

ДУЮМ.

Решаи сунбул-аттиб (валериана) - 10 гр.

Баргу гули тиллосарак - 10 гр.

Баргу гули газна - 10 гр.

Ҳамаашро ба термос андохта, аз болояш як литр оби ҷӯшида резед ва даҳони зарфро маҳкам кунед. Як соат пас даво тайёр мешавад.

Онро аз дока полонда, дар тӯли рӯз ба ҷойи чой кам-кам нӯшидан гиред, худо хоҳад, тухмдонҳоятон фаъол гашта, ниҳоли умратон бор меорад.



НАЗИРА ҚАҲҲОРОВА

- саъдишиноси камназир

Адабиётшинос ва ровии хушсалиқа, шодравон Назира Қаҳҳорова аз шахсиятҳои маъруфи илмиву фарҳангии тоҷик буд. Номбурда соли 1939 дар хонаводаи сиёсатмадори маъруф Абдулаҳад Қаҳҳоров зода шудааст.

Назира Қаҳҳорова хоҳари донишманди шарқшинос, арабшиноси номӣ, ровӣ ва барномасози мумтози фарҳангӣ дар Телевизиони Тоҷикистон Наима Қаҳҳорова аст, ки аз хидматҳои фаровони шоистаи ӯ яке ба ҷомеаи адабпарвари Тоҷикистон шинохта кардани ному ашъори шоираи маъруфи Эрон Фурӯғи Фаррухзод аст. Ба ёд оварем ду нашри китоби Фурӯғи зинданом "Таваллуде дигар"-ро (Душанбе, 1983, 1993). Умуман аҳли ин хонаводаи маъруфи фарҳангӣ ба Тоҷикистони азизи мо хидматҳои арзанда кардаанд.

Назира Қаҳҳорова парвардаи мактаби илмии адабиётшиноси шаҳири тоҷик Шарифҷон Ҳусейнзода буда, баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ДМТ) ва таҳсил дар аспирантураи он то охири умр дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷик дар ҳалқаи нерӯманди устодони баноми ин даргоҳ ба таълиму таҳқиқ шуғл варзидааст. Дар ин даргоҳи илму таълим баъди устод Ҳусейнзода аз устодони хушсалиқаи таълими "Назмшиносӣ" буда, нозукиҳои илми арӯзи форсии тоҷикиро бисёр ҳушмандона таълим медодааст.

Аввалин мақолаҳояш дар матбуоти Тоҷикистон - "Садои Шарқ", "Маориф ва маданият" ва маҷмӯаҳои илмӣ аз соли 1965 ба нашр расидаанд, аз ҷумла “Вазни ғазалиёти Саъдӣ” (1975), "Устоди каломи ҷонбахш" (Саъдӣ, 1977), "Равшангари дилхо" (Шарифҷон Ҳусейнзода, 1982), "Робияи Балхӣ - сардафтари шоираҳои форсу тоҷик" (1982) ва ғ. Дар бораи мақоми классики адабиёти форсии тоҷикӣ Шайх Муслиҳуддин Саъдии Шерозӣ дар ғазалнависӣ рисолаи номзадӣ навишта, онро соли 1970 сарбаландона дифоъ кардааст.

Назира Қаҳҳорова аз зумраи таҳиягарони силсилаи матнҳои классикони адабиёти форсии тоҷикӣ буда, бо ҳамкории устодони шодравон Шарифҷон Ҳусейнзода ва Саъдулло Асадуллоев дар таҳия ва тасҳеҳи “Девон”-и Камоли Хуҷандӣ (иборат аз ду ҷилд) ширкат кардааст, ки ҷилди аввал соли 1983 (560 с.) ва ҷилди дувум соли 1985 (464 с.) дар нашриёти “Ирфон” ба ихтиёри алоқамандони мероси шоири номӣ расидаанд.

Назира Қаҳҳорова ҳамзамон ҳамроҳи адабиётшиноси фақид Саҳобиддин Сиддиқов ҷилдхои дувум (тайибот, девони «Бадоеъ», ғазалиёти қадим, маснавиёт ва қитъаву рубоиёт) ва чаҳоруми (“Бӯстон”) “Куллиёт”-и Шайх Саъдии Шерозӣ (1989, 1990)-ро низ тартиб додааст, ки ин осор аз хидматҳои пурмаҳсули номбурда дар заминаи дастрасӣ ба мероси абармардони сухани форсии тоҷикист.

Баробари ин китобҳои Ҳофизи Шерозӣ "Чашмаи меҳр" (мунтахаби ғазалиёт, Душанбе, 1971), Саъдии Шерозӣ "Мунтахаби ғазалиёт" (Душанбе, 1977), "Равшангари дилхо" (мақолаву очеркҳо дар бораи Шарифҷон Ҳусейнзода, Душанбе, 1982)-ро низ таҳия ва нашр кардааст.

Фикр мекунам, рисолаи номзадӣ - "Саъдӣ ва мақоми ӯ дар инкишофи ғазал" ва мақолаҳои адабиётшиносии Назира Қаҳҳорова бояд ба нашр бирасанд, то дар ихтиёр ва истифодаи насли имрӯзи пажуҳишгарон бошанд. Ягона қадрдониаш нишони сарисинагии "Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон" мебошад. Афсӯс, Назира Қаҳҳорова хеле бармаҳал, соли 1984 дар синни 45-солагӣ аз дунё рафтааст. Ному кор ва ёдаш гиромист!

Субҳони АЪЗАМЗОД

МУНИРИ ДИЛИ МУРИДИ ОФТОБ



Барои шоир шеър як василаи рангу маъно бахшидани чеҳраи зиндагист. Шоир рӯзгори одамиро ба ин олами рангорангӣ ва зебоӣ даъват мекунад. Раҳмон Авезӣ чеҳраи зебои зиндагиашро дар шеър мебинад ва дар ҳоли дилтангӣ аз шеър дилбардорӣ меёбад. Воқеан, шеър оҳанги дили ӯву ишқ исту бисти ӯст.

Номбурда зодаи деҳаи Гули Зарди Истаравшани бостонист. Хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров буда, солиёни зиёде дар мактаб аз фанни забону адабиёт дарс гуфтааст. Ҳоло директори МТМУ №33-и шаҳри Истаравшан аст. Шеърҳояш дар саҳифаҳои матбуот ва китоби “Табу оташ” (с. 2003) нашр шудаанд.


Ӯро бо нашри китоби дуюмаш, ки таҳти унвони «Муриди офтоб» зери назари ҷонишини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, шоир Ато Мирхоҷа дар нашриёти «Маориф» рӯи чоп омадааст, таҳният мегӯем ва як ғазалашро пешкаши хонандагон мекунем.

Моро агарчи дил шикаст,
асло дили ӯ нашканад,
Вақташ агар бе мо хуш аст,
асло дили ӯ нашканад.

Меҳраш агар аз кибриё омад
барои сабри мо,
Аз мо буриду бар кӣ баст,
асло дили ӯ нашканад.
Аз пушт-пушти қофила дар
фикри вазну қофия,
Эй дил, чӣ овардӣ ба даст,
асло дили ӯ нашканад.
Бигзор, бошад ин чаман
пурлолаву пурёсуман,
Доим хушу хандону маст,
асло дили ӯ нашканад.
Аз шаш мақоми нози ӯ моро
ниёзи беш нест,
То шашмақоми ишқ ҳаст,
асло дили ӯ нашканад.

Раънои ЗОИРДУХТ,
шаҳри Истаравшан

ОХИРИН ОРЗУИ ҚАЛАМКАШ



26-уми ноябр қалби инсони хоксору дардошно Худоназар Шоназаров дар синни 71-солагӣ аз тапидан бозмонд.

Равоншод солҳои тӯлонӣ дар шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон содиқона фаъолият кард. Беш аз даҳ соли охир бознишаста буд ва дар Маскав истиқомат дошт. Имсол ба зодгоҳаш - ноҳияи Рӯшон баргашт.

Зиндаёд истеъдоди шоирӣ дошта, бо тахаллуси Вамдич шеър менавишт. Намунаи ашъораш дар рӯзномаҳо ва китобҳои "Даргилмодак" (с. 2015) ва "Вассофи Рӯшонзамин" (2020) ба нашр расидаанд. Ният дошт, ки баҳори соли оянда китоби нахустини шеърҳояшро бо номи "Сӯзу сози зиндагӣ" нашр карда, шаби эҷодиашро дар зодгоҳаш - деҳаи Вамд баргузор кунад. Вале афсӯс, ки дили дардмандаш баҳори оянда ро мунтазир нашуд.

Як шеъри Худоназар Вамдичро пешкаши хонандагон мекунем.

Ман мисоли куҳсорон зиндаям,
Ман ба номи ҷумла ёрон зиндаям.

Дар талоши моли дунё нестам,
Ман ба обу нимаи нон зиндаям.

Дида будам нимаи дунё, вале
Ман ба ёди мулки Рӯшон зиндаям.

Ҷилва дорад шаҳру деҳоти ҷаҳон,
Ман ба он лаъли Бадахшон зиндаям.

Гарчи Вамдич ними дунёро бидид,
Ман ба номи Тоҷикистон зиндаям.

Л. ҚИММАТШОЕВ,
ноҳияи Рӯшон

Тақвими ТОҶИКИСТОН

1-УМИ ДЕКАБР

ТАВАККАЛ ҒИЁСОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

ГУЛГУНСАВОРИ СОНӢ (КАРИМОВА БИБИШИРИН), 65-солагии зодрӯзи адиб (1957-2005).

КОМИЛҶОН ИСМОИЛОВ (1927), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

ЭМОМАЛӢ ЗАРИПОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

ЁҚУБҶОН АБДУХОЛИҚОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи фалсафа.

2-ЮМИ ДЕКАБР

ВЛАДИМИР КАПРАНОВ (1927), 95-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, Корманди шоистаи илми Тоҷикистон.

РАҲИМ МУҚИМОВ (1922-2000), 100-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

САОДАТ ҚОБИЛОВА (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи фалсафа.

АБДУЛЛОИ ФОЗИЛ (1952), 70-солагии зодрӯзи адиб.

3-ЮМИ ДЕКАБР

МИРЗОҚУЛ БОЗОРОВ (1907-1974), 115-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

МИХАИЛ МАССОН (1897-1980), 125-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

ВАЛЕРИЯ ОВЧАРЕНКО (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

4-УМИ ДЕКАБР

ТОҶИДДИН МАРДОНӢ (1947), 75-солагии зодрӯзи тарҷумон, доктори илми филологӣ.

НУРИДДИН САНГОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, академик.

ЯҲЁ АЗИМОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ ва давлатӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

АБДУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ (1887-1957), 135-солагии зодрӯзи шоир, асосгузори назми муосири тоҷик.

5-УМИ ДЕКАБР

МУСО ҶУМАЕВ (1927-1997), 95-солагии зодрӯзи селексионер, доктори илми кишоварзӣ, Арбоби шоистаи илми Тоҷикистон.

АЪЛОХОН ОЛИМӢ (1912-2001), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

КАРИМ ҲАЛИМОВ (1937-2000), 85-солагии зодрӯзи дирижёр, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

АБДУЛҲАМИД ОРИФОВ (1932-1988), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

6-УМИ ДЕКАБР

МЕРГАН СУЛТОНОВ (1922-1997), 100-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

САДРИДДИН ҚОСИМОВ (1927), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

ВЕРОНИКА БОРЗДИКО (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

7-УМИ ДЕКАБР

БОЗОРБОЙ БОРОНОВ (1917-1974), 105-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

ЛЕВ КОГАН (1932), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

ҚАТАР-2022

ҲАНГОМАҲО ДАР ҚАТАР ИДОМА ДОРАНД

Ҷоми ҷаҳонии футбол дар кишвари Қатар бо ширкати 32 дастаи беҳтарини олам идома дорад, ки аз шигифтиҳову ҳангомаҳо холӣ нест.



Ҳангомаи навбатӣ дар мусобиқа бохти Олмон аз Ҷопон бо ҳисоби 1:2 буд. Ба назар чунин мерасад, ки олмониҳо дар ин мусобиқа ба ҷое намерасанд, зеро бозии дуюмро бо Испания мусовӣ (1:1) карданд ва акнун қусури ҳамаи инро аз Коста-Рика, ки дар навбати худ ҳангома карда, Ҷопонро шикаст (1:0) дод, гирифтанианд.

Дастаи Эрон, ки дар даври якум аз Англия бо ҳисоби бузурги 6:2 ба шикаст мувоҷеҳ шуда буд, дар бозии дуюм Велзро мағлуб (2:0) кард, аммо дар бозии сеюм аз Амрико бо натиҷаи 0:1 ном шуда, ба даври ҳаштякниҳоӣ нарасид.

Арабистони Саудӣ, ки дар бозии якум бар Аргентина пирӯз (1:2) шуд, ин корнамоиро идома дода натавонист ва аз Лаҳистон бо ҳисоби 0:2 шикаст хӯрд.

Мизбони мусобиқа Қатар аввалин дастае шуд, ки имкони ба даври дигар гузаштанро аз даст дод. Дар бозии дуюм соҳибони мусобиқаро Сенегал бо ҳисоби 3:1 мағлуб кард, дар бозии охири гуруҳӣ аз Нидерланд шикаст (2:0) хӯрданд.

Дастаи дигаре, ки пеш аз муҳлат имкони ба даври ҳаштякниҳоӣ гузаштанро аз даст дод, Канада аст, ки дар ду бозӣ (бо Белжик 0:1 ва бо Курувосӣ 1:4) мағлуб шуд ва ҳеҷ имтиёзе надорад.

Эквадор ҳам бо Ҷоми ҷаҳон хайрухуш кард. Дар бозии дуюм бо Нидерланд мусовӣ (1:1) карда бошад ҳам, дар бозии сеюм аз Сенегал бо ҳисоби 1:2 ном шуд ва бо 4 имтиёзи хуб мусобиқаро тарк кард.

Велз ҳам дастае шуд, ки баъди як мусовӣ ва ду шикаст (бо Амрико 1:1, бо Эрон 0:2, бо Англия 0:3) бо Ҷоми ҷаҳон видоъ кард.

Аввалин дастае, ки ба даври дигар роҳҳат гирифт, Фаронса аст. Ин даста бо дилпурӣ дастаҳои Австралия (4:1) ва Денмаркро (2:1) шикаст дод.

Бразилия низ баъд аз ду пирӯзӣ бар Сербистон (2:0) ва Суис (1:0) ба даври дигар равон шуд.

Аз паси инҳо кишвари Португалия бо шикаст додани Ғано (3:2) ва Уругвай (2:0) низ ба даври ҳаштякниҳоӣ расид.

Дунболи инҳо Нидерланд баъди пирӯзӣ бар Қатар (2:0) ва Сенегал пас аз мағлуб кардани Эквадор (2:1) ба даври дигар роҳ ёфтанд.

Сипас, Англия бо шикаст додани Велз (3:0) имтиёзҳояшро ба 7 расонд ва ба даври плей-офф рафт. Амрико низ дар ҳамин гуруҳ аст, ки бо ном кардани Эрон (1:0) ба даври ҳаштякниҳоӣ расид.

То ҳол ин маълум шуда, ки дар ҳаштякниҳоӣ Нидерланд бо Амрико ва Англия бо Сенегал бозӣ мекунанд.

ЧАВГОНБОЗӢ

Аз рукуд то эҳё

Тоҷиконро бозии воло бувад,
Номи чавгон аз ҳама боло бувад.

Чавгонбозӣ яке аз бозиҳои қадимаи тоҷикон мебошад, ки навъе аз варзиши қадимии ориёиҳост. Дар аввал чавгонбозӣ бо асп сурат гирифта, варзишгарон савори асп ба майдон мебаромаданд ва ин намуди варзиш хоси шоҳон ва шоҳзодагон буд. Баъдтар ин бозӣ дар рӯи хок ва дар рӯи майса низ гузаронида мешуд.

Мутахассиси шоистаи соҳа Сунатулло Собиров, устоди варзиши кафедраи тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сарчашмаи пайдоиши ин бозиро аз Эрони қадим ҳисобида, гуфт: “Чавгонбозӣ аслан дар асри ду пайдо шудааст. Ин бозии дӯстдоштаи мардуми тоҷик ба ҳисоб мерафт ва онҳо ин намуди варзишро ҳамчун нишонаи ҷасорату родмардӣ медонистанд. Ин намуди варзиш бештар дар идҳои “Наврӯз” ва “Меҳргон” гузаронида мешуд.

Аслан, бозии чавгон се вожаи аслии тоҷикӣ дорад, ки ҳар се дар алоҳидагӣ як маънои томро ифода мекунанд: чавгон, гуй ва бозӣ. Чавгон чӯби махсуси қаткардашудаест, ки андоза ва шакли махсус дорад. Гуй гирдаест, ки аз пашми гов сохта шудааст. Бозӣ амали шахс аст, ки тавассути ин лавозимот ҳунару маҳорати худро нишон медиҳад. Аз ин далелҳо бармеояд, ки мо бевосита гуфта метавонем, ин намуди варзиш моли тоҷикон аст”.

Сунатулло Собиров аз нав эҳё шудани ин варзишро дар кишвар ба баъди солҳои 70-уми асри XX рабт медиҳад. Ба гуфти ӯ, аввалин қувваозмоии чавонони тоҷик соли 1976 дар мусобиқаи байни давлатҳои Иттиҳоди Шуравӣ шуруъ шудааст.

Соли 1970 дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ дастаи чавгонбозон ба номи “СКИФ” ташкил шуд ва соли 1976 номи “Ҳосилот”-ро гирифт. Баъдан, соли 1982 дар спартакиадаи чавонон дастаи бонувони чавгонбози тоҷик низ таъсис ёфт. То ҳол беҳтарин мунтахаби бонувони чавгонбози тоҷик дар мусобиқаҳои байналмилалӣ дар кишварҳои хориҷа иштирок намуда, маҳорати хешро нишон дода истодаанд.

Дар ин бора раиси Федератсияи чавгонбозии Тоҷикистон Екатерина Юсуфова чунин ибрози андеша намуд: “Чавгонбозӣ дар даврони шӯравӣ хеле рушд ёфта буд, аммо пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ба бозиҳои миллӣ, аз ҷумла чавгонбозӣ зарбаи сахт зад. Соли 1992 Тоҷикистон узви Федератсияи ҷаҳонии чавгонбозӣ гардид, вале чавгонбозӣ низ пош хӯрда, қариб буд аз байн равад. Вале хушбахтона, аз соли 2000-ум сар карда, чавгонбозӣ дар гӯшаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ аз нав ташаккул ёфт. Соли 2006 бо дастгири Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҷумҳурӣ ва сарпарастии Кумитаи миллии олимпӣ дар пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе семинари машваратӣ оид ба рушди чавгонбозӣ дар Тоҷикистон гузаронида шуд. Барои аз нав эҳё кардани чавгонбозӣ Кумитаи кор бо ҷавонон ва роҳбарияти Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ба номи Саймумин Раҳимов таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда истодаанд ва беҳтарин бозингарони хуб ҳам тайёр намудаанд, ки дар мусобиқаҳои байналмилалӣ иштирок намуда, маҳорати хуб нишон додаанд”.



Аз ҷумла, беҳтарин бозингарони дастаи бонувон инҳо мебошанд: Шаҳноза Сатторова, Нигора Шерматова, Мафтуна Тагаева, Дилноза Холпулатова, Рафоатхон Қувватова ва Марҷона Файзуллоева.

Беҳтаринҳо аз дастаи писарон бошад, Наим Аюбов, Раҳматулло Намозов, Хусрав Асозода, Муҳаммаднабӣ Наботов ва Муҳаммадрафӣ Собиров ба ҳисоб мераванд.

Умедворем, ки чавгонбозӣ чун як навъи варзиши миллӣ мисли дигар варзишҳо рушду нумуъ ёфта, мухлисони бешумор пайдо менамояд ва дар арсаи ҷаҳонӣ чавгонбозони тоҷик бо маҳорати баланди хеш муаррифгари ин навъи варзиш мешаванду парчами меҳанро баланд мебардоранд.

Шаҳноза САТТОРОВА,
донишҷӯйи соли сеюми факултаи журналистикаи ДМТ

РЕЗААХБОР

Ҳамлагари 32-солаи «Истиқлол»-и Душанбе ва тими миллии Тоҷикистон Манучеҳр Ҷалилов нишонзани беҳтарини чемпионати Тоҷикистон гардид. Ҷалилов дар солҳои 2015, 2016 ва 2021 низ беҳтарин нишонзани лигаи олӣ шуда буд. Дар ин мавсим Манучеҳр Ҷалилов ба задани шонздаҳ гол даст ёфт. Дилшод Бозоров («Эскхата») бо 13 гол дуюм, Шервонӣ Мабатшоев («Истиқлол») бо 12 гол сеюм шуданд.

***

Эҳсони Панҷшанбе, футболбози тоҷик ва бозингари тими миллии Тоҷикистон дастаи "Зуб



Оҳан"-и Эронро тарк кард. Эҳсон моҳи июли соли 2022 аз дастаи "Навбаҳор"-и Ӯзбекистон ба "Зуб Оҳан" пайваста буд. Ӯ бозиро аз дастаи "Истиқлол" (Душанбе) оғоз карда, солҳои 2016-2020 дар ин тим ҳунарнамоӣ кардааст. Баъд ба тими "Навбаҳор"-и Ӯзбекистон гузашт ва ду мавсим (2020-2022) бозӣ кард.

***

Сайри ҷаҳонии ҷудо боз як истгоҳи дигар дорад, ки ин Гран-при Душанбе аст. Замони баргузории мусобиқаи Душанбе ҳанӯз маълум нест. Тоҷикистон моҳи октябрро пешниҳод кардааст, аммо ҳоло Федератсияи байналмилалии ҷудо онро тасдиқ карда наметавонад. Баргузории Гран при Душанбе дар соли 2023 оғоз ёфта ва ҳамин тавр то соли 2026 баргузор хоҳад шуд.

***

Аввали моҳи декабр дар кишвари Ҷопон мусобиқаи ҷудои Tokyo Grand Slam баргузор мешавад, ки дар он паҳлавонони Тоҷикистон ширкат мекунанд. Федератсияи ҷудои Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар ин мусобиқа Эмомалӣ Нуралӣ дар вазни -66 кг, Муҳаммадраҳим Сарахонов дар вазни - 73 кг, Сомон Маҳмадбеков дар вазни -81 кг ширкат хоҳанд кард.

ШАКАРХАНД

Нокас

Зану шавҳари бо ҳам қаҳрӣ ба нақлиёти ҷамъиятӣ медароянд. Зан пулро дароз мекунад.

Пулчинак:

- Чанд кас, апа?

Зан мегӯяд:

- Як касу як нокас.

Фармон

Ду писарбача падарҳояшонро таъриф мекарданд:

- Падари ман чунон бақувват аст, ки ана ҳамин санги вазнинро мебардорад,- гуфт писарбачаи аввал.

- Падари ман бошад, якбора ду санги вазнинро мебардорад,- паст наомада, гуфт писарбачаи дуюм.

- Чӣ хел?,- дар ҳайрат шуда, пурсид дигарӣ.

- Ана ҳамин хел, ӯ фармон медиҳад ва ин сангҳоро ҷонишинаш мебардорад,- ҷавоб дод ӯ.

Хоҳиш

Мактуб ба бахши мусиқии радио:

- Сардори мо тоқати шунидани сурудҳои Қадами Қурбонро надорад. Гуфт, ки агар бори дигар овози ӯро шунавад, худашро мекушад. Хоҳишмандем, сурудҳои Қадами Қурбон - «Мндалағут», «Азизам» ва «Бобо шидм»-ро шунавонед!

Падари ниқобдор

Духтарчаи дар замони “коронавирус” таваллудшуда чанд сол пас аз модараш мепурсад:

- Очаҷон, падари ман кист?

Модар:

- Намедонам, духтарам. Дар рӯяш ниқоб дошт...

Калтак

Наврасе бори аввал хост, ки рӯза бигирад. То фаро расидани шом вақти кам монда буд, вале ӯ дигар тоқат карда натавонист. Бо ҳар баҳона рӯзаашро хӯрдан мехосту ба торҳои асаби падараш нохун мезад.

- Дада, шоколад хӯрам, рӯзаам мешиканад?

- Бале...

- Оби газнок нӯшам чӣ?

- Мешиканад...

- Чӣ хӯрам, ки рӯзаам нашиканад?

Падар бо қаҳр:

- Калтак!

Тарабхона

Марди зихнае ба бонуи дӯстдоштааш мегӯяд:

- Садбарг, биёед ба музей меравем?

Садбарг мегӯяд:

- Султон, магар шумо калимаи “тарабхона”-ро талаффуз карда наметавонед?

Хабари хуш

Писар ба модараш мегӯяд:

— Оча, бароят хабари хуш дорам.

Модар шодикунон:


— Аз фанни алгебра баҳои 5 гирифтӣ?

Писар:

— Ман хабари хуш гуфтам, на муъҷиза.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА





ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

ПИЁДАГАРД ҶАРИМА МЕШАВАД?

Писарам, ки донишҷӯст, барои гузаштан аз роҳ аз ҷониби кормандони БДА ҷарима шудааст. Оё ин ҷарима қонунӣ аст?
САОДАТ, шаҳри Душанбе

- Бале, ҷаримаи писари шумо қонунӣ аст, агар ӯ аз ҷойе роҳро убур карда бошад, ки барои пиёдагардон иҷозат нест. Илова бар ин, шуруъ аз 28-уми ноябр Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дар қаламрави ҷумҳурӣ амалиёти махсус таҳти унвони "Пиёдагард"-ро эълон кардааст, ки то 7-уми декабр идома меёбад.

Ба иттилои манбаъ, ҳадафи ин амалиёт пешгирӣ намудани ҳодисаҳои роҳу нақлиёт бо иштироки пиёдагардон мебошад. Мақомот мегӯянд, ки дар бархе ҳолатҳо омилони сар задани садамаҳои маргбор маҳз роҳгузарон мебошанд.

Ин дар ҳолест, ки ахиран ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҷумҳурӣ тағйирот ворид гардид, ки бар асоси он ҷаримаи пиёдагардон ҳудуди 6 баробар афзоиш ёфта, барои нақзи қоидаҳои роҳ ба андозаи ним нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар шудааст.

Феълан як нишондиҳанда муодили 64 сомонӣ буда, мутаносибан ба пиёдагардоне, ки қоидаро вайрон мекунанду роҳро аз ҷойҳои муқаррарнашуда убур мекунанд, 32 сомонӣ ҷарима таҳдид мекунад.

Барои ба аломати чароғаки раҳнамо ё ишораҳои танзимгари ҳаракат итоат накардани ронандагони мопеду велосипедҳо, аробакашҳо ва дигар шахсони истифодабарандаи роҳҳо аз 1 то 2 нишондиҳанда, муодили 64 то 128 сомонӣ ҷарима таъйин мешавад.

Мопеду велосипедсаворҳои маст барои нақзи қоидаҳои роҳ ба андозаи аз 2 то 3 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё худ 128 то 192 сомонӣ ҷаримабандӣ мешаванд.

БО «ТОҶИКИСТОН» БОШ, БОХАБАР АЗ ҶАҲОН БОШ!

Ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» барои соли 2023 обунашавӣ идома дорад.

Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз соли 1992 нашр гардида, мунтазам ҳафтае як маротиба ҳар рӯзи панҷшанбе чоп мешавад ва сари вакт дастраси хонандагон мегардад.

Обуна ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» солона буда, аз тарафи идораи ҳафтанома ва дар ҳама муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳо қабул карда мешавад.



Индекси обуна: 68854.

С/х 20202972400015101000
х/м 20402972316264
БИК 350101626
РМА 030000603
БДА ҶТ «Амонатбонк»-и ш. Душанбе.

Нишонии ҳафтаномаи «Тоҷикистон»: ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16, ошёнаи 11.

Телефонҳо барои маълумот:
93-866-82-64, 918-66-82-64.